# Имконияти мусоид барои ҳар як кӯдак

Кӯдакон ва адолати иҷтимоӣ



юнисеф

For every child inc covers.indd 1 06/11/2015 17:06

**Эзоҳи муҳаррир:**
Гузориши мазкур дар асоси мақолаи фарогире, ки моҳи июни соли 2015 мавзӯи асосии муҳокима дар нишасти махсуси Ҳайати иҷроияи ЮНИСЕФ оид ба адолати иҷтимоӣ гардид, тартиб дода шудааст. Мо аз муаллифони он ҳуҷҷат, пажуҳишгарон ва нафароне, ки ба он саҳми худро гузоштанд ва дар натиҷа нашри гузориши мазкурро имконпазир гардониданд, изҳори миннатдорӣ менамоем.

Ба истиснои ҳолатҳои мушаххасшуда, маводҳои дар гузориши мазкур иқтибосгардида омори тозаи мавҷударо инъикос мекунанд ва аз таҳлилҳои дохилии хазинаи маълумотии ЮНИСЕФ, арзёбии байниидоравӣ ва нашрияҳои зерини он сарчашма мегиранд: “Имконияти мусоид барои ҳар як кӯдак”, Ҷаласаи махсуси ҳайати иҷроияи ЮНИСЕФ оид ба адолати иҷтимоӣ – нашриёти маводҳои конфронс; “Пешрафт баҳри кӯдакон: Болотар аз сатҳи миёна – Сабақҳо аз ҲРҲ”; “Масъулият барои саломатии кӯдакон: Таҷдиди ваъда”, ҳисобот оид ба фаъолият дар соли 2015.

Ҳокояҳое, ки аз таҷрибаи саҳро дар доираи паҳлусутунҳо дар гузориш нақл мешаванд аз ҳикояҳои дар сомонаи ЮНИСЕФ дар солҳои 2014 ва 2015 нашргардида сарчашма гирифта, ба мақсадҳои маводи мазкур мутобиқ гардонида шудаанд (www.unicef.org).

© Хазинаи Кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ)

Ноябри соли 2015

Барои аз нав чоп кардани қисмати алоҳидаи китобчаи мазкур иҷозатнома лозим аст. Барои муассисаҳои таълимотӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ чунин иҷозатнома ба таври ройгон пешкаш мегардад. Аз дигар муассисаҳо пардохти маблағи ночиз талаб карда мешавад.
Маълумот барои тамос:

Шуъбаи иртибот, ЮНИСЕФ
Мавз: Иҷозатномаҳо
Юнайтед Нейшон Плаза 3, Ню Йорк, NY 10017, ИМА
Тел: +1 (212) 326-7434
Email: nyhqdoc.permit@unicef.org

Барои маълумоти иловагӣ лутфан ба суроғаи электронии мазкур нигаред <data.unicef.org>

ISBN: 978-92-806-4817-1

Акси муқова:
© Getty Images/Yuri Arcurs, South Africa, 2014

Сарлавҳаи боб, саҳифаҳои 2, 9, 24 и 36:
© UNICEF/UNI193944/El Baba, State of Palestine, 2014
© UNICEF/GHAA2015-00859/Quarmyne, Ghana, 2015
© UNICEF/LAO-2015-Noorani-0015/Noorani, Lao People’s Democratic Republic, 2015
© UNICEF/NYHQ2015-2638/Gilbertson VII, Greece, 2015

For every child inc covers.indd 2 06/11/2015 17:06

Пешгуфтор:

# Масъалаи адолат

Дар кучҷое, ки кӯдакон барои бо ҳамдигар бозӣ кардан ҷамъ оянд – ин хоҳ дар майдончаи хуб таҷҳизонидашуда бошад, хоҳ дар майдони пур аз чангу хок бошад–онҳо ҳадди ақал ду чизи умумӣ доранд: ҳисси фитрии боадолатӣ ва иқтидори бемаҳдуди ба ғазаб омадан дар он ҳолатҳое, ки онҳоро касе ранҷонад.

Ҳам духтарон ва ҳам писарон дар маҷмӯъ мехоҳанд тибқи қоида бозӣ кунанд. Агар туби ба тарафи дарвоза рафтаро касе ноҳақ аз дарвоза берун эълон кунад ё голеро баҳисоб нагиранд, бубинед,  ки чи мешавад. Аксари кӯдакон аз “бефаҳм” гуфта дод задан шарм намекунанд. Дар чунин мавридҳо ҳамаи падару модарон бо як тарз шикоят мекунанд: “Ин беадолатист!”

Ҳамчун шахси болиғ мо баъзан ҳадди чунин амалҳоро аз хотир мебарорем. Аммо вақти он расидааст, ки мо бештар ба чунин ҳолатҳо таваҷҷӯҳ зоҳир кунем, ҳадди ақал вақте кӯдакон имконияти рушди солим ва ояндаи шоиста надоранд.

Масъала ин ҷо на танҳо албатта ба бозии кӯдак таааллуқ дорад. Пас худи беадолатӣ чи маънӣ дорад?

Беадолатӣ ин ҳангоме, ки дар нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеаҳо ҳар чи бештар имкониятҳои кӯдакони зиёдро ҳатто пеш аз ба дунё омадани онҳо ташкил медиҳанд. Дар аксари ҳолатҳо табъиз дар асоси гендер, вазъи ичтимоӣ ва иқтисодӣ ё ҷои зисти кӯдакон, наҷот ёфтан ва сатҳи рушди онҳоро муқаррар месозад.

Он ҳолате, ки кӯдакони хонаводаҳои камбизоаттарини дунё назар ба кӯдакони хонаводаҳои сарвандмандтарин ба маротиб бештар зери хатари пеш аз синни 5 – солагӣ вафот кардан қарор мегиранд, аз адолат дур аст. Эҳтимолияти пеш аз синни 18-солагӣ издивоҷ кардани духтарони оилаҳои камбизоаттарин назар ба духтарони оилаҳои сарватмандтарини дунё чор маротиба бештар аст. Духтаре, ки дар овони кӯдакӣ издивоҷ мекунад эҳтимолан наметавонад мактаби миёнаро хатм кунад ва ин имконияти ӯро барои ёфтани ҷои кор дар оянда маҳдуд месозад, ӯро ба камбизоатӣ гирифтор мекунад ва дурнамои оянда  ва ё кӯдакони ӯро зери суол мегузорад.

Чунин нобаробариҳои зиёд боиси шадидтар гардидани давраи (сикли) ба насли муайян таааллуқдоштаи камбизоатӣ ва носозӣ мешаванл.

Вале ин набояд чунин бошад. Мо роҳҳои чи тавр паст кардани шиддати ин чархи зиндагӣ ва пурра боз доштани онро медонем. Мо метавонем монеаҳоеро, ки кӯдаконро дар роҳи ба пурраги амалӣ сохтани иқтидорӣ худ халалдор мекунанд, бартараф созем.

Воқеан дунёи муосир дар самти паст кардани сатҳи нобаробариҳое, ки қаблан барои оғози ҳаёти солим, ғизогирӣ, нигоҳубин ва ба мактаб рафтани миллионҳо кӯдакон имконият намедоданд, ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Бисёрии ҷораҳои барои ноил шудан ба ин дастовардҳо андешидашуда оддӣ ва содда буданд. Аксари вақт мушкилӣ дар дастрасӣ ба кӯдакони бетаваҷҷӯҳмонда мушкилии техникӣ нест, балки масъала ин ҷо сари сарчашмаҳои иродаи коллективӣ ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ аст.

Вақте мо баҳри ҳадафи умумӣ якҷоя барои дастгирии ин кӯдакон – дар барои аз байн бурдани азоби онҳо, ба воя расидан ва таълимгирии онҳо – кор мебарем, мо на танҳо  имконияти баробар барои ояндаи онҳо фароҳам меорем, балки инчунин мо ба онҳо имконият медиҳем, ки ояндаи сазовор барои худ, оила ва ҷомеаи худ бунёд кунанд. Агар мо аз ӯҳдаи ин кор набароем, мо баръакс сабабгори оқибатҳои номусоид барои наслҳои оянда мешавем.

Бештар аз ҳарвақта, имрӯз вақте ҷомеаи байналмилалӣ иқдоми Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсоларо пеша мекунад, сармоя барои кӯдакон – хусусан кӯдакони камбизоаттарин ва дар ҳолати номусоид қарордошта –кори муҳимест, ки бояд ба анҷом расонида шавад. Ин кори оқилона аст. Ва ин танҳо кори одилона аст. Метавонед аз ҳар кӯдаке инро бипурсед.



**Энтони Лейк**
**Роҳбари иҷроия**

For every child inc covers.indd 3 06/11/2015 17:06

Имконияти мусоид

барои ҳар як кӯдак

Кӯдакон ва адолати иҷтимоӣ

# Мундариҷа


**Муқаддима. Барномаи кор оид ба адолати иҷтимоӣ** **1**

**1 Ҳолатҳои адолати иҷтимоӣ** **2**

Имкониятҳои номусоид пешрафтро халалдор мекунанд 6

ЮНИСЕФ ва барномаи кор оид ба адолати иҷтимоӣ 7

Дарёфти равзанаи муҳими имконият 7

**2 Пешравӣ ва норасоиҳо дар самти адолати иҷтимоӣ барои кӯдакон** **9**

Тандурустӣ 10

ВНМО ва БНМО 12

Об, санитария ва беҳдошт 14

Таъминоти ғизо 16

Маориф 18

Ҳифзи кӯдак 20

Ҳамгироии иҷтимоӣ 22

**3 Бартарафсозии фосилаҳои адолати иҷтимоӣ** **24**

Такмили ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот 25

Барномарезии ба адолати иҷтимоӣ асосёфта барои кӯдакон 29

Хизматрасониҳои ҳамбаста, ҳамкориҳои самаранок 34

Дарк намудани фосилаҳои боқимондаи адолати иҷтимоӣ 35

**4 Тақвияти имкониятҳои баробар барои кӯдакон** **36**

Дурнамои рушд барои давраи то соли 2030 39

Навоварӣ, бархурдҳои таъсирбахш ва дигар воситаҳои муҳим 39

Ваъдаи адолати иҷтимоӣ имконпазир аст 42

# Муқаддима:

# Барномаи кор оид ба адолати иҷтимоӣ

Таъмини имконияти мусоид барои ҳаёт ба ҳар як кӯдак – хусусан кӯдакони дар шароити номусоид қарордошта – умеди бузурге барои боздоштани давраи ба як насл тааллуқдоштаи беадолатии иҷтимоӣ ва камбизоатӣ дар ҳар як ҷомеа мебошад. Ин пешниҳоди асосии барномаи кори ЮНИСЕФ оид ба адолати иҷтимоӣ аст.

Принсипи адолати иҷтимоӣ яке аз асосҳои фаъолияти ЮНИСЕФ мебошад, ки дар он таваҷҷӯҳи хоса ба кӯдакони аз ҳама осебпазир, хусусан кӯдакони хонаводаҳои камбизоат, духтарон, кӯдакони дорои маълулият, кӯдакони манотиқи дурдаст ва кӯдакони гурӯҳҳои этникӣ ва динӣе, ки табъиз мегарданд, зоҳир карда мешавад. Дар саҳифаҳои навбатӣ далелҳо ва таҷрибаи ин фаъолият ба мақсади таъкид сохтани ду нукта оид ба бартарафсозии норасоиҳои мавҷуда дар самти адолати иҷтимоӣ рӯи қоғаз оварда мешаванд.

**Якум, давраи беадолатии иҷтимоӣ на ногузир ва на рафънопазир аст.** ЮНИСЕФ баҳри ба вуқӯъ овардани давраи бештар самаранок тавассути фаъолият дар самти бартарфсозии нобаробариҳои имконият, ки миқдори зиёди кӯдаконро аз рушду камолот дур мегузоранд, кор мебарад. Дар ин ҷода он чораҳоеро дастгирӣ менамояд, ки барои таъмини оғози ҳаёти солим ба кӯдакон мусоидат мекунанд ва бо барномаҳои гуногун дар давраҳои калидии ҳаёти минбаъдаи онҳо дар овони кӯдакӣ ва наврасӣ ба кӯдакон кӯмак мерасонад. Чунин сармоя на танҳоояндаи кӯдакони дар шароити номусоид қарордоштаро тағйир медиҳад, балки инчунинояндаи нав барои ҳаёти кӯдакони онҳо таъмин менамояд.

**Дуюм, оқибати беҳаракатӣ ва беамалӣ хеле ҷиддӣ аст**. Набудани сармояи устувор барои таъмини хизматрасониҳои асосӣ ва муҳофизат ба ҳар як кӯдак на танҳо ҳуқуқи кӯдакони имрӯзаро инкор мекунад, балки инчунин оқибатҳои харобкунанда барои наслҳои оянда хоҳад дошт. Имрӯз аз даст додани фурсат ва имконияти мусоид барои кӯмакрасонӣ ба кӯдакони аз ҳама осебпазир боиси оқибатҳои бузургтар барои фардо мегардад. Ин оқибатҳо дар шакли аз даст додани ҳаёти одамон, иқтидори исрофшуда ва самаранокии паст ба вуҷуд меоянд. Дар охир беҳаракатӣ ба беадолатии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунад ва бо ин ба тамоми ҷомеа таъсир мерасонад, рушди глобалиро ба таъхир меандозад ё чаппагардон мекунад.

Гузориши мазкур дар бораи дастовардҳои зиёде, ки дар роҳи ёрирасонӣ ба кӯдакони аз ҳама камбизоат ва дурмондаи ҷаҳон то имрӯз ба даст омаданд ва ҳамчунин бисёр норасоиҳои боқимонда дар самти адолати иҷтимоӣ нақл мукунад. Он ҳафт соҳаеро, ки барои рушди кӯдакон аҳамияти калон доранд, таҳлил мекунад: тандурустӣ; ВНМО ва БНМО; об, санитария ва беҳдошт; таъминоти ғизо; маориф; ҳифзи кӯдак; ва ҳамгироии иҷтимоӣ. Дар ҳар яки ин соҳаҳо фарқияти бузург байни пешравиҳои сатҳи ҷаҳонӣ аз як тараф ва ниёзу эҳтиёҷоти таъминнашудаи кӯдакони аз ҳама осебпазири дунё аз тарафи дигар, ба назар мерасад.

Ба иловаи далелҳо ва ҷадвалҳо, дар гузориши мазкур инчунин таърихи кӯдакон ва оилаҳое нақл карда мешавад, ки аз ин пешравиҳои сатҳи глобалӣ баҳраманд нестанд ва ЮНИСЕФ ва шарикони ӯ барои кӯмак ба онҳо чораҳо андешидаанд. Хусусан корҳое, ки ЮНИСЕФ барои ҷо ба ҷо кардани мувозинат дар фарогир гардидани дастовардҳои глобалӣ татбиқ мекунад, дар ин қисмат нақл мегарданд. Ин қиссаҳо дар бораи бархурдҳои ба адолати иҷтимоӣ асосёфта ҳам дар мавриди бӯҳронҳои гуманитарӣ ва ҳам барномаҳои рушди дарозмуддат маълумот пешниҳод мекунанд, зеро барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсолаи чанде пеш қабулгардида кор дар ҳардуи ин самтҳо зарур мешавад.

Имрӯз ки сиёсатмадорон оид ба самтҳои кор барои давраи пас аз соли 2015 мулоҳизаронӣ мекунанд, вақти он расидааст, ки баҳри адолати иҷтимоии устувор нисбати аҳолии дар ҳолати номусоид қарордошта чораҳо андешида шаванд. Имконияти баробар барои ҳар як кӯдак дурнамои ЮНИСЕФ оид ба адолати иҷтимоӣ буда, таъсири мушаххас ва мусбии барномаҳои ба адолати иҷтимоӣ асосёфтаро нишон медиҳад. Пеш аз ҳама гузориши мазкур аҳамияти адолати иҷтимоиро таъкид месозад: зеро ҳамаи кӯдакон ба наҷот ёфтан, камолот ва татбиқи иқтидори пурраи худ, новобаста аз кӣ ва аз куҷо будани онҳо, ҳуқуқ доранд.

1

# Ҳолатҳои адолати иҷтимоӣ



Саъю кӯшишҳои муттафиқона тӯли солҳои дароз боиси дастовардҳои муҳим дар ҳалли баъзе аз бузургтарин мушкилоти рушди ҷаҳонӣ гардиданд. Пастшавии сатҳи фавти кӯдакон аз соли 2000 инҷониб сабабгори он шуд, ки 48 миллион кӯдакони дигар ба аҳолии кӯдакони дунё илова шуданд ва тавонистанд панҷумин рӯзи мавлуди худро қайд кунанд. Дар муқоиса ба аввали соли 1980-ум ҳадди ақал 721 миллион нафар камтар одамон имрӯз дар вазъи камбизоатии шадид ҳаёт ба сар мебаранд. Аз соли 1990 инҷониб 2.6 миллиард нафар ба манбаъҳои тозаи оби ошомиданӣ дастрасӣ пайдо карданд. Беш аз 90 фоизи ҳамаи кӯдакони синни синфҳои ибтидоӣ имрӯз дар мактабҳои таълимоти ибтидоӣ дарс мехонанд.

Ин дастовардҳо дар ҳақиқат дастовардҳои таърихианд ва аз пешрафте шаҳодат медиҳанд, ки танҳо ҳангоми ба ҳадафҳои мушаххас ангезонида шудани талошҳои ҷаҳонӣ, чи тавре он дар давраи солҳои 2000 ва 2015 тавассути муттаҳидшавӣ дар атрофи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ба вуқӯъ пайваст, имконпазир мегардад.

Ҳамзамон дастовардҳои ҲРҲ на ҳамеша ба адолати иҷтимоии бештар оварда расониданд. Масалан ба пешрафт дар доираи ҳадафи паст кардани шумораи аҳолии ба оби ошомиданӣ дастрасӣ надошта ба миқдори як маротиба то соли 2015 нигаред. Вақте ҷаҳон ба ин ҳадаф панҷ сол пеш аз мӯҳлат расид, ин як дастоварди назаррасе гардид. Аммо гарчанде миллиардҳо аз ин пешравии бесобиқа дар самти васеъ гардонидани дастрасӣ ба ин хизматрасонии асосӣ баҳраманд шуданд, ин дастоварди сатҳи глобалӣ на дар ҳама ҷо пешрафт барои аҳолии аз ҳама эҳтиёҷманд гардид.

Таҳлили фарогири дастовардҳои давраи аз соли 1990 то соли 2015 аз он шаҳодат медиҳад, ки аз нӯҳ танҳо панҷ минтақаи рӯ ба тараққӣ ба нишони ҲРҲ дар ҷодаи оби тозаи ошомиданӣ расиданд. Фосилаи калон байни сокинони шаҳр ва деҳот боқӣ мондааст ва аз даҳ ҳашт нафари сокинон дар деҳотҷойҳо ҳоло низ бидуни манбаи тозаи оби ошомиданӣ зиндагӣ мекунанд. Дар баъзе кишварҳо афзоиши аҳолӣ ин дастовардро ба ақиб гузошт ва боиси бештар гардидани аҳолии ба оби ошомиданӣ дастрасинадошта дар деҳотҷойҳо гардид.

Дар минтақаи Африқои сиёҳ ва Осиёи Ҷанубӣ, ки хонаи бештар аз 1 миллиард кӯдакон ҳисоб меёбанд, новобаста аз дастовардҳои умумии ҲРҲ мушкилиҳои калон, аз ҷумла мушкилиҳое, ки ба онҳо кӯдакон ва ҷамъиятҳои аз ҳама камбизоат дучор мегарданд, боқӣ мондаанд. Масъалаҳои тандурустӣ баъд аз давраи ҳомиладорӣ ва наҷоти кӯдакон, камғизоӣ ва оқибмонӣ дар рушди кӯдак, мaориф, содири наҷосат дар ҷойҳои кушод ва издивоҷ дар овони кӯдакӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот мебошанд.




Тифли навзод дар сари дастони корманди тиббии Шӯъбаи махсуси нигоҳубини тифлони навзоди Беморхонаи назди Коллеҷ дар Бангладеш, ки фаъолияти он ба паст кардани нуқсҳо ба монанди хафагирии перинаталӣ, сепсис ва таваллуди бармаҳал, ки сабабҳои асосии фавти тифлони навзод мебошанд, равона гардидааст.



For every child inc covers.indd 3 06/11/2015 17:06

СИЕРРА-ЛЕОН. АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ БАРОИ ҲИФЗИ КӮДАК

Абас Мансарай бо ифтихор шаҳодатномаи таваллуди духтари худро намоиш медиҳад. Шаҳри Бламаи вилоятти Кенемаи Сиера – Леон.



© UNICEF Sierra Leone/2015/Davies

## Таъсири эбола ба бақайдгирии таваллуд

Вакте Абас Мансараи 48-сола, ки бо деҳқонӣ дар шарқи Сиерра-Леон рӯз мегузаронид, қоғази зардеро, ки духтари якуним солаи ӯ, Исата, аз корманди тиббии маҳаллӣ гирифт, бикушод, чашмони ӯ аз хурсандӣ медурахшиданд. Исата яке аз 200,000 кӯдаконе буд, ки бо кампанияи қайди таваллуд, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ташкил гардида аз тарафи ЮНИСЕФ, Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ва ташкилоти ”Плэн интернейшнл” дастгирӣ ёфт, дар бар гирифта шуда буданд.

Тибқи назарсанҷиши соли 2013, тақрибан як аз ҳар чор нафар кӯдаки то синни 5-сола дар Сиерра-Леон қайди таваллуд надоштанд. Маълумоти пешакӣ ба он ишора мекунад, ки эпидемия Эбола дар соли 2014 боиси баландшавии микдори чунин кӯдакон гардид, зеро аксари оилаҳо, хусусан дар деҳотҳо, аз тарси гирифтор шудан ба ин вирус худро аз марказҳои тиббӣ дур мегирифтанд.

Дар натиҷа кампанияи бақайдгирии таваллуд беш аз 10,500 корманди тиббӣ, сафарбаркунандагони иҷтимоӣ ва ихтиёриёнро аз тамоми ҷумҳурӣ ҷалб намуд. Дар давоми 5 рӯз онҳо хона ба хона гашта ҳамаи кӯдакони то синни 5-соларо ба қайд гирифтанд ва онҳоро зидди фалаҷ эмгузаронӣ карданд. Кормандони махсусомӯзонидашудаи мақомоти назоратӣ барои бақайдгирӣ ва эмгузаронии кӯдакони дар хонаводаҳо ва деҳаҳои зери таъсири Эбола қарордошта, инчунин онҳое, ки дар карантин мебошанд, мусоидат намуданд ва барои ин шароит фароҳам оварданд.

Ин якумин таҷрибае буд, ки дар он кампанияи марбут ба вазъи тандурустӣ бо раванди бақайдгирии шаҳрвандӣ якҷоя карда шуд. Шаҳодатномаи таваллуд ҳуқуқи кӯдаконро ба хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ, ба мисли таълим ва ёрии тиббӣ, таъмин менамояд.

Дар қатори дигар мушкилиҳо гурӯҳҳои мобилӣ бояд гумонҳои аҳолӣ оид ба бӯҳрони Эболаро бартараф мекарданд. “Баъзе падару модарон кӯдакони худро аз мо панҳ мекарданд, зеро онҳо гумон мекарданд, ки бо ба баҳонаи бақайдгирӣ кӯдаки онҳо бо вируси Эбола сироятнок мекунем”, гуфт яке аз кормандони тиббӣ, Аҳмед Сесай. “Хушбахтона ҳар даъфае, ки падару модарон норозигӣ нишон медоданд, мо тавонистем онҳоро оид ба манфиати бақайдгирӣ ва эмгузаронӣ барои саломатии кӯдаки онҳо муттақоид гардонем”.



For every child inc covers.indd 4 06/11/2015 17:06

Гарчанде чунин мушкилиҳо дар ҳар як минтақаи дунё дида мешаванд, табодулоти демографӣ дар Ҷануби саҳрои Африқо метавонад вазъи кӯдакони камбизоати ин минтақаро бадтар кунад.

Дар давлатҳое, ки ба бӯҳрони гуманитарӣ ё низоъ дучор гардиданд душвории дучанд барои кӯдакони аз хадамоти иҷтимоӣ маҳрум ба назар мерасад. Гарчанде аз офатҳои табиӣ ҳамаи кӯдакон зарар мебинанд, онҳое, ки таърихан аз шароити мусоид маҳруманд оқибати онро аз ҳама бештар ҳис мекунанд. Бӯҳронҳои гуманитарӣ аксари вақт ба аҳолии минтақаҳои дурдаст, ки дастрасии маҳдуд ба хизматрасониҳо ва захираи ночиз доранд, таъсири нисбатан бадтар мерасонанд. Онҳо боиси баланд гардидаи сатҳи беадолатии иҷтимоӣ мегарданд ва некӯаҳволии кӯдакон ва дурнамои рушди онҳоро халалдор мекунанд.

Мушкилоти адолати иҷтимоӣ дар ҳамаи давлатҳо ва минтақаҳо ба чашм мерасад. Вақте имрӯз ҷаҳони муосир бо тараққиёт пеш меравад, гурӯҳҳои муайяни кӯдакон ҳанӯз дар қафо мемонанд. Баъзе аз давраҳои истисно шудан ба монанди маълулият ва сатҳи даромад дар аксари кишварҳои дунё дида мешаванд ва нишондиҳандаҳои доимии шароити номусоид мебошанд. Вазъи таърихӣ ва сиёсии кишварҳо ва минтақаҳо инчунин шаклҳои истисношавиро муқаррар месозанд. Ҳам дар кишварҳои дорои даромади паст ва ҳам дар кишварҳои дорои даромади баланд истисноии тӯлонӣ боиси қафо мондани кӯдакони аҳолиҳои таҳҷоӣ ва ақалиятҳои диниву этникӣ мегардад. Ҳатто дар мавридҳои фаровонӣ табъиз, истиснокунӣ ва камбизоатии наслӣ (ба як насл тааллуқдошта) ин кӯдаконро ба давраи беадолатии иҷтимоӣ минбаъд низ гирифтор мекунад.

Кӯдакон дар об дар ҳавзаи Мабани вилояти Нили Болои Судони Ҷанубӣ бозӣ мекунанд. Обҳои обхезӣ хавфи бемориҳои ба об вобастаро, хусусан дар ӯрдугоҳҳои серодами гурезагон, баландтар мегардонанд.






For every child inc covers.indd 5 06/11/2015 17:06

Кӯдакони халқияти нимкӯчманчии Баҷау Лаут дар маркази омӯзишии ташкилоти ғайрихукуматӣ дар вилояти Сабани Малайзия. Баҷау лаутҳо дар минтақаи Секунҷаи Корал дар ҳудуди Индозения, Малайзия ва Филиппин ҳаёт ба сар мебаранд ва аксари вақт шахсони бешаҳрвандӣ ҳисобида мешаванд. Бидуни далели шаҳрвандӣ кӯдакони онҳо метавонанд бидуни таълимот ва таъминоти ғамхории тиббӣ монанд.



© UNICEF/NYHQ2014-3595/Pirozzi

# Имкониятҳои номусоид пешрафтро халалдор мекунанд

Солҳои охир натиҷаҳои нобаробари рушд байни ҷамъиятҳо боиси зоҳир гардидани таваҷҷӯҳи хоса ба ин масъала дар сатҳи ҷаҳонӣ ва андешидани чораҳо баҳри бартараф кардани чунин беадолатии иҷтимоӣ мегардад. Имрӯз ин раванди сатҳи глобалӣ дар кишварҳои дорои даромади хурд, миёна ва калон идома ёфта, дар барномаи кори сиёсатмадорон ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷои хосаеро ишғол мекунад.

Аммо бо равона намудани тамоми таваҷҷӯҳ ба натиҷаи ниҳоӣ нақше, ки имкониятҳои нобаробар ва аз лиҳози иҷтимоӣ ноодилона дар оғози ҳаёти инсон мебозанд, сарфи назар мегардад. Бо саривақт баррасӣ намудани ин норасоиҳои овони кӯдакӣ – бо таваҷҷӯҳи хоса аввал ба кӯдаконе, ки аз ҳама қафомондаанд ва онҳое, ки аз ҳама бештар ниёзманданд – давраи камбизоатӣ ва оқибатҳои он метавонанд боз дошта шаванд.

Далел ва асос барои чунин изҳорот ҳаргиз чизи нав нест. Биёед мисоли таълими духтаронро бубинем. Ҳар сол даромади дар натиҷаи сармоягузорӣ ба таълим бавуқӯъомада баландтар мешавад. Ҳар соли иловагии таълим ба ҳисоби миёна бо 18 фоиз бештар гардидани ММД ба ҳар сари аҳолӣ  марбут дониста мешавад.

Новобаста аз он, ки чунин далелҳо ба ҳамагон маълуманд, сатҳи афзояндаи беадолатии иҷтимоӣ зарурати андешидани чораҳои навро бештар мегардонад. Вақте кӯдакони аз ҳама камбизоат имконияти сазовори амалисозии ҳуқуқи худро надоранд, онҳо аз ҳамсолони худ боз ҳам қафотар мемонанд ва фосилаи адолати иҷтимоӣ калонтар мегардад. Баробари ба воя расидани кӯдакон ин нобаробариҳои давраи аввалини ҳаёт метавонанд боиси вазъи бади саломатӣ, камғизоӣ ва қобилияти пасти омӯзишӣ,  таваллуднокии зиёд барои духтарони наврас ва сатҳи пасти шуғл ва музди кор дар давраи ҳаёти болиғ гарданд.



For every child inc covers.indd 6

06/11/2015 17:06

Сармоягузорӣ ба рушди кӯдакон, хусусан кӯдакони камбизоат, ин сармоя барои бартарафсозии беадолатии иҷтимоӣ ва факр мебошад. Сарфи назар кардани фосилаҳои адолати иҷтимоӣ баръакс боиси идома ёфтани давраи (сикли) харобкунандае мегардад, ки онро боздоштан мушкилтар мешавад. Бар дӯш гирифтани ӯҳдадорӣ алайҳи таъмини адолати иҷтимоӣ барои кӯдакон метавонад худ як замина барои сармояи имрӯзае бошад, ки ҳам фоидаи зуд ва ҳам даромади дарозмуддат медиҳад.

## ЮНИСЕФ ва барномаи кор оид ба адолати иҷтимоӣ

Тибқи Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ӯҳдадориҳои ЮНИСЕФ мушаххас қайд гардидааст, ки дар кори ин созмон “кӯдакони дар шароити аз ҳама номусоид қарордошта ва давлатҳои дорои ниёзи ҷиддӣ авлавият доранд”. Таваҷҷӯҳ ба кӯдаконе, ки бепарастор мондаанд, новобаста аз оне, ки онҳо аз хонаводаҳои камбизоат ё

## Дарёфти равзанаи муҳими имконият

Вақт ва дарёфти фурсати зарурӣ барои паст кардани фосилаҳои адолати иҷтимоӣ нақши муҳимро мебозад. Чуноне, ки таҷриба нишон медиҳад ду равзанаи муҳими имконияти сармоягузорӣ ба рушди кӯдакон вуҷуд дорад: давраи аввали кӯдакӣ ва давраи наврасӣ.

Рушди мағзи сар аз ҳама тезтар дар **давраи аввали кӯдакӣ** рух медиҳад ва қобилияти омӯзишии кӯдак барои тамоми давраи боқимондаи ҳаёт маҳз аз он вобастагӣ дорад. Барои рушди комили мағзи сар кӯдакони хурдсол ба ғизои муносиб, муошироти меҳрубонона бо калонсолон ва фазои муосид ва бехатар ниёз доранд. Хусусан дар ҳамин давраи аввали ҳаёт кӯдакон ба оқибатҳои камғизоӣ бештар таъсирпазиранд. Иқтидори рушде, ки онҳо аз сабаби камғизоӣ метавонанд дар ин давраи ҳаёти худ аз даст диҳанд, барқарорнашаванда аст. Хушунату стресс дар давраи аввали кӯдакӣ боиси ҷароҳатҳои якумрӣ мегарданд ва мутобиқан кӣ шудани кӯдак дар овони наврасӣ ва калонсолиро муайян месозанд. Ҳамаи ин ҷиҳатҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳифзи кӯдак ва саҳм ба рушди ӯ дар ин давраи муҳими ҳаёти вай бениҳоят муҳиму зарур аст.

**Давраи наврасӣ** имконият медиҳад, ки саҳми қаблан ба рушди кӯдак гузоштташудаup бештар тақвият бахшем. Заминаҳое, ки дар ин давраи ҳаёти кӯдак дар ҷодаи бехатарии маънавӣ, некӯаҳволии ҷисмонӣ, таълими саводу малака гузошта мешаванд, барои гузариши бомуваффақияти ӯ ба давраи шахси болиғ таъсири калон мерасонанд. Наврасӣ даврае мебошад, ки дар он нақшҳои гендерӣ ташаккул меёбанд ва осебпазириҳо бештар мегарданд. Агар чораҳои зарурӣ андешида нашаванд, ҳаёти духтарон дар ин давра метавонад бо издивоҷ дар овони кӯдакӣ, мактабпартоӣ, ҳомиладароии бармаҳад ва хушунати гендерӣ маҳдуд карда шавад.

Наврасон инчунин бо вазнинихҳои марбут ба ӯҳдадориҳои бармаҳал барои шахсони калонсол ва меҳнат, сиёсатҳои ҷазодиҳӣ дар доираи адолати судии ҷиноятӣ, осебпазирӣ ба хушунат ва дигар мушкилиҳое, ки рушди комили онҳоро халалдор мекунанд, дучор мегарданд. Ин падидаҳои манфӣ метавонанд ҳаёти онҳоро дигар кунанд.

Бидуни дастгирии муносиб дар давраи аввали кӯдакӣ ва рушди наврасон, тақсимоти демографии баробарии бештар, инчунин беҳбудиҳо дар таъминоти иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ ва субботи сиёсӣ, имконпазир намегарданд.



For every child inc covers.indd 7 06/11/2015 17:06

гурӯҳҳои этникии дурмонда меоянд, дар маркази фаъолияти ЮНИСЕФ мебошад. Дар доираи шабакаи худ дар миқёси беш аз 190 давлати дунё ин созмон кӯдаконро дар доираи авлавиятҳои асосии барномаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегузорад.

Ӯҳдадории ЮНИСЕФ барои барномарезии ба адолати иҷтимоӣ асосёфта на танҳо аз он бармеояд, ки ин кори мантиқан дуруст аст, балки инчунин ба он далел асос мегирад, ки ин дар амал низ фаъолияти дуруст аст

Ӯҳдадории ЮНИСЕФ барои барномарезии ба адолати иҷтимоӣ асосёфта на танҳо аз он бармеояд, ки ин кори мантиқан дуруст аст, балки инчунин ба он далел асос мегирад, ки ин дар амал низ фаъолияти дуруст аст. Соли 2010 чунин далелҳо дар мақолаи илмии навгун бо номи “Кам кардани фосила барои расидан ба ҳадаф” рӯи қоғаз оварда шуданд. Дар ин гузориш натиҷаи озмоиши ду сенария оид ба расидан ба ҳадафҳои тандурустии модар ва кӯдак инъикос гардид. Якум сенария бархурде буд, ки барои андешидани чораҳои бештар дар кор бо кӯдакони дар ҳолати бад қарордошта таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекард. Сенария дигар усули умумии кор буд, ки таваҷҷӯҳи хосае ба кӯдакони камбизоат зоҳир намекард.

Ин омӯзиш ду натиҷаи асосӣ пешниҳод намуд. Якум, бо баррасӣ намудани шаклҳои гуногуни беадолатии иҷтимоӣ дар байни аҳолии камбизоат ин бархурди ба адолати иҷтимоӣ асосёфта раванди расидан ба ҳадафҳои тандурустиро тезонид ва дар муқоиса бо раванди маъмулӣ (бархурди дуюм) ҷараёни тезтари пешрафтро ҳосил намуд. Дуюм, бо пешгирии ҳолатҳои бештари марг бо сармояи молии якхела, бархурди ба адолати иҷтимоӣ асосёфта ҳам аз лиҳози хароҷот самаранок ва ҳам умуман устувор дар муқоиса ба бархурди дигаре буд. Бархурди ба адолати иҷтимоӣ асосёфта дар чор кишвари дорои даромади хурд ва миқдори фавти зиёд – Мали, Нижер, Руанда ва Уганда –хусусун камхароҷот гардид ва бо ҳар як миллион доллари саҳмгузошташуда то 60% фавти кӯдконро пешгирӣ намуд.

Ба ғайр аз ин омӯзиши зикргардида якчанд нуктаҳоро муқаррар намуд, ки барои сиёсати соҳавӣ баҳри таъмини адолати иҷтимоӣ метавонанд истифода шаванд:

- сармоягузорӣ дар ҷамъоварии маълумот бо мақсади муайян намудани кӯдакон ва ҷамъиятҳои аз ҳама камбизоат;
- андешидани чораҳои дар амал санҷидашуда барои кӯмак ба ин ҷамъиятҳо;
- амалӣ намудани чорабиниҳои афзалиятнок барои бартараф кардани монеаҳо;
- шарикӣ бо ҷамъиятҳои дар ҳолати номусоид қарордошта;
- истифодаи беҳтари захираҳои молиявӣ, аз ҷумла бартараф кардани менеаҳои молиявӣ барои хонаводаҳои камбизоат.

Аз нашри гузориши “Маҳдуд кардани фосила” ин ҷониб ЮНИСЕФ барои амиқтару васеътар гардонидани барномаҳои худ дар самти адолати иҷтимоӣ кор бурда истодааст. Дар ҳамкорӣ бо шарикони худ он оид ба таҷрибаҳои самаранок дар ин самт далелҳои назаррас ҷамъоварӣ намудааст. Дар ҳоли имрӯз таҷриба аз он шаҳодат медиҳад, ки барномарезӣ дар самти адолати иҷтимоӣ метавонад ба ҳаёти кӯдакони камбизоат беҳбудии бардавом ва ҷузъӣ орад.



For every child inc covers.indd 8 06/11/2015 17:06

2

# Пешравӣ ва норасоиҳо дар самти адолати иҷтимоӣ барои кӯдакон

Роҳи таъмини адолати иҷтимоӣ барои кӯдакон аз дарки дурусти вазъи кунунӣ, пешравие, ки то имрӯз дар самти бартарафсозии фосилаҳои адолати иҷтимоӣ ба даст омадааст ва ҳаҷми кори боқимондае, ки бояд ба анҷом расонида шавад оғоз меёбад. Боби мазкур ин се ҷиҳатро дар ҳамаи соҳаҳои асосие, ки некӯаҳволии кӯдаконро муайян мекунанд, таҳлил мекунад.



For every child inc covers.indd 9 06/11/2015 17:06

# Тандурустӣ

**Вазъи имрӯза**. Тӯли 25 соли охир дар самти паст кардани сатҳи фавти кӯдак ва модарон давлатҳои дунё ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.  Байни солҳои 1990 ва 2015, сатҳи фавти кӯдакони аз синни 5-сола хурдтар то 53 фоиз коҳиш ёфт. Байни солҳои 1990 ва 2013, сатҳи фавти модарон дар дунё то 45 фоиз поин рафт. Беҳбудии устуворона дар самти наҷоти кӯдакони то 5-сола ва модарон дар натиҷаи ҳамбастагии дастовардҳо, аз ҷумла тандурустии шахсӣ ва афзоиши чораҳои самаранок, ба вуқӯъ омадааст.

**Бартараф кардани фосилаҳо**. Пешравӣ дар паст кардани сатҳи фавти кӯдакон дар ҳар як минтақаи дунё дида мешавад. Фосилаи адолати иҷтимоӣ дар сатҳи фавти кӯдакон байни хонаводаҳои аз ҳама камбизоат ва аз ҳама бой дар ҳамаи минтақаҳо ба ғайр аз ҷануби саҳрои Африқо кам гардид. Лекин то ҳол, фосилаи зиёд дар дастрасӣ ба чораҳои наҷотдиҳандаи ҳаёт, ба мисоли ташхиси пневмония ва муолиҷа бо намаки ҷуброни оби бадан, байни оилаҳои камбизоат ва бой боқӣ мемонад. Чораҳои пешгирикунандаи вараҷа, аз ҷумла истифодаи турҳои бистари бо интексид коркардшуда нисбатан баробаранд, аммо миқёси умумии истифодаи чунин чораҳо маҳдуд мебошанд.

Байни солҳои 1990 ва 2013 фосила дар фавти модарон дар байни давлатҳои дорои даромади хурд ва давлатҳои дорои даромади калон ба нисф кам карда шуд. Гарчанде сатҳи фавти модарон дар ҳамаи минтақаҳо коҳиш ёфт, пешрафти зиёдтар дар дигар минтақаҳои ҷаҳон ҳамзамон боиси таваҷҷӯҳи бештар ба минтақаи ҷануби саҳрои Африқо гардид, ки соли 2013 манбаи 62 фоизи фавти модарон дар миқёси ҷаҳон буд. Ягон беҳбудӣ дар самти пур кардани фосила дар дастрасӣ ба момодояҳои бомаҳорат, ки худ фосилаи ба сарватмандӣ вобаста мебошад, ба даст наомад.

**Сатҳи фавти модарон аз**
1990 то 2013
45%
пастшавӣ

**Сатҳи фавти тифлони навзод аз**
1990 то 2015
47%
пастшавӣ

**Сатҳи фавти кӯдакни то 5-сола аз**
1990 то 2015
53%
пастшавӣ

Аз соли 1990 инҷониб ҷомеа ҷаҳонӣ дар самти пасткунии фавти кӯдакон ва модарон ба дастовардҳои назаррас ноил гардид



For every child inc covers.indd 10 06/11/2015 17:06

**Мушкилиҳои асосӣ**. Тахмин меравад, ки соли 2015 тақрибан 5.9 миллион кӯдакони то синни панҷсолагӣ вафот мекунанд. Эҳтимоли фавти кӯдакони оилаҳои камбизоат пеш аз расидан ба синни 5-солагӣ назар ба кӯдакони оилаҳои бой ду маротиба зиёдтар аст. Кӯдаконе, ки дар деҳот ва онҳое, ки аз модари бемаълумот ба дунё омадаанд, дар муқоиса ба кӯдакони дар шаҳр ва аз модари маълумотдор таваллудёфта зери хатари бештари вафот кардан дар синни то 5-солагӣ қарор доранд.

Соли 2013, 289,000 занон дар саросари дунё аз сабаби ҳомиладории вазнин ва таваллуди кӯдак вафот карданд. Ҳаштоду шаш фоизи ин ҳолатҳои фавти занон дар Осиёи Ҷанубӣ ва ҷануби саҳрои Африқо рух доданд.




Сатҳи фавти кӯдакони то 5-сола байни давлатҳои дорои даромади аз ҳама паст ва давлатҳои даромади хуб дар вобастагӣ аз макони хонавода, сарват ва сатҳи таълимоти (маълумоти) модар тадриҷан фарқ мекунад



Дар Африқои Сиёҳ аз ҳар 12 як кӯдак ҳануз пеш аз расидан ба панҷумин рӯзи мавлуди худ вафот мекунад, ки худ 15 маротиба бештар аз вазъи фавти кӯдакон дар давлатҳои дорои даромади баланд мебошад



For every child inc covers.indd 11
06/11/2015 17:06

# ВНМО ва БНМО

**Вазъи имрӯза**. Аз соли 2000 то 2014 сирояти ВНМО дар байни аҳолии гурӯҳҳои гуногун то 35 фоиз дар сатҳи ҷаҳонӣ коҳиш ёфт. Аз миқдори баландтарин дар соли 2004 , фавти солонаи марбут ба БНМО то 42 фоиз дар сатҳи глобалӣ паст шуд. Новобаста аз ин дастовардҳо, дар давоми танҳо соли 2014 ВНМО ба ҳаёти бештар аз 180,000 кӯдакону наврасони синни то 20-сола халалдор шуд.

**Бартараф кардани фосилаҳо**. Байни солҳои 2001 ва 2014 сатҳи сироятнокӣ бо ВНМО байни аҳолии ҳамаи синну сол паст шуд, вале байни кӯдакони синни то 5-сола бештар коҳиш ёфт. Ин пастшавӣ дар натиҷаи пешгирии гузариши ВНМО аз модар ба кӯдак ва васеъшавии таъмини терапияи антиретровирусӣ (ТАР) имконпазир гардид. Ҳамазамон новобаста аз ин пешравӣ дар таъмини ТАР кӯдакон дар масъалаи дастрасӣ ба муоилаҷа аз калонсолон қафо мондаанд. Соли 2014 дар кишварҳои дорои даромади хурд ва миёна дар муқоиса ба 40 фоизи калонсолон ва наврасони синни 15-сола, танҳо 31 фоизи кӯдакони синни то 15-солае, ки бо ВНМО зиндагӣ мекунанд, ТАР гирифтанд.

ВНМО ва БНМО ҳануз дар минтақаи ҷуғрофии ҷануби саҳрои Африқо мутамарказонида шудаанд. Духтарони навраси синни аз 15 то19 сола дар ин минтақа аз ҳама бештар бо ин вирус сироятнок шудаанд ва дар маҷмӯъ беш аз 70 фоизи аҳолии умумии наврасони сироятнокшударо ҳам дар соли 2001 ва ҳам соли 2014 ташкил намуданд. Гарчанде ин фосилаи адолати иҷтимоӣ ба дараҷаи кӯчак, 3 фоиз аз соли 2001 инҷониб, паст карда шуд, барои тезонидани ин раванд бояд чораҳо андешида шаванд.

Ба иловаи духтарони наврас, гурӯҳҳои аҳолие, ки бештар ба сирояти ВНМО гирифтор мешаванд аз мардони ҷавоне, ки бо мардон алоқаи ҷинсӣ доранд, писарон ва духтарони мавриди истимори шаҳвонӣ қароргирифта ва онҳое, ки маводи мухаддир тавассути сӯзандору истеъмол мекунанд, иборат аст. Аксари ин нафарон аз тарзи оқибатҳои ҳуқуқӣ ва фишори иҷтимоии ворид шудан ба барномаҳои пешгирӣ, талаби маълумот ё аз санҷиш гузаштан ягон маротиба аз ташхис нагузаштаанд.




Дар соли 2014 духтарон аз се ду ҳиссаи наврасони дар сатҳи ҷаҳонӣ ба ВНМО гирифторшударо  ташкил намуданд. Ин тавозун аз соли 2011 инҷониб иваз нашуд



For every child inc covers.indd 12 06/11/2015 17:06

**Мушкилиҳои асосӣ**. Дар соли 2014 тақрибан 2.6 миллион кӯдакони синни то 15-сола ва 3.9 миллион ҷавонони синни аз 15 то 24 сола бо сирояти ВНМО зиндагӣ мекарданд. Гарчанде аз як тараф сатҳи гирифторшавӣ ба сироят байни кӯдакони то синни 15-сола паст гардид, худи ҳамон сол 220,000 ҳалатҳои нави сироятнокшавӣ ҷой дошт. Дар хонаводаҳои аз ҳама камбизоати ҷануби саҳрои Африқо 82 фоизи духтарони синни 15–24 сола то ҳол маълумоти мукаммал ва дуруст оид ба ВНМО надоранд. Дар давлатҳои дорои даромади хурд ва миёна қариб 70 фоизи кӯдакони то 15-солае, ки ба ВНМО гирифтор шудаанд, то ҳол ТАР нагирифтаанд.

**Сироятҳои нави ВНМО дар байни кӯдакони синни аз 15-сола хурдтар**
2000 то 2014

**Вазъи умумии сирояти нави ВНМО**
2000 то 2014

**Ҳолатҳои фавти ба БНМО вобаста**
2004 то 2014




Дар сатҳи ҷаҳонӣ миқдори сироятҳои нави ВНМО то 20 фоиз бештар дар байни кӯдакони синни то 15-сола назар ба аҳолии умумӣ коҳиш ёфт



Аз 10 тақрибан 9 нафараи ҳамаи кӯдакон дорои ВНМО дар Ҷануби саҳрои Африқо меоманд



For every child inc covers.indd 13
06/11/2015 17:06

# Об, санитария ва беҳдошт

**Вазъи имрӯза**. Аз соли 1990 ин ҷониб пешравӣ дар самти дастрасӣ ба иншоотҳои беҳтари санитарӣ, ки аз он 2.1 миллиард нафар, ва манбаҳои беҳтари оби ошомиданӣ, ки аз он 2.6 миллиард нафар баҳрамандшуданд, ҳайратовар гардид. Ин беҳшавӣ қисман бо талабот барои таъмини манбаи об дар наздикии хона ангезонида шуд. Дастовардҳо дар самти санитария аз баланд гардидани огоҳинокӣ оид ба аҳамияти санитария барои саломатӣ, некӯаҳволӣ ва маҳсулнокӣ шаҳодат медиҳад.

**Бартараф кардани фосилаҳо**. Дастовардҳои сатҳи глобалӣ ҷиҳати дастрасӣ ба об нобаробариҳои васеи мавҷударо дар байни минтақаҳо ниқоб мебанданд. Муваффақиятҳо дар дастрасӣ ба лӯлаи об (водопровод) масалан барои ҳама баробар набуданд; оби лӯла (водопровод) 63 фоизи манбаи такмилёфтаи обро дар ҷаҳон ташкил мекунад, аммо танҳо 17 фоизи он дар кишварҳо камтар рушдёфта қарор дорад.

Ҷануби саҳрои Африқо ягона минтақаи дунё мебошад, ки ба нишони ҲРҲ оид ба дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ нарасид. Нобаробарӣ байни шаҳр ва деҳот ҳануз дар ҳамаи минтақаҳо ҷой дорад ва сокинони шаҳр назар ба сокинони деҳот ду маротиба бештар эҳтимоли дастрасӣ ба оби лӯла (водопровод) дар хона доранд.

Дар ҳамаи минтақаҳо дастрасӣ ба иншоотҳои такмилёфтаи санитраӣ бештар гардид, аммо дар ин қисмат низ шаҳрҳо бештар дар бар гирифта шудаанд ва нобаробариҳои ҷузъи байни минтақаҳои гуногун дида мешаванд. Дар Шарқи наздик ва Африқои шимолӣ дар давоми 25 соли охир наҷосати кушод то 92 фоиз кам шуд, вале дар ҷануби саҳрои Африқо ин падида танҳо ба миқдори 35 фоиз коҳиш ёфт.




Аз соли 1990 инҷониб
2.1 миллард нафар дастрасӣ
ба шароити беҳтари санитарӣ
пайдо намудаанд




Аз соли 1990 инҷониб
2.6 миллиард нафар дастрасӣ
ба манбаҳои оби тозаи ошомиданӣ
пайдо намуданд



For every child inc covers.indd 14
06/11/2015 17:06

**Мушкилиҳои асосӣ**. Беш аз 660 миллион нафар то ҳол ба манбаҳои тозаи оби ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Қариб нисфи ин одамон дар ҷануби саҳрои Африқо ҳаёт ба сар мебаранд ва ҳар даҳум нафар дар ин минтақа то ҳол оби рӯизаминӣ истеъмол мекунанд.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ 2.4 миллиард нафар, ки 40 фоизи онҳо дар Осиёи Ҷанубӣ қарор доранд, ҳануз ба иншоотҳои санитарӣ дастрасӣ надоранд. Қариб 946 миллион нафар дар саросари дунё то ҳол дар фазои кушод наҷосат мекунанд ва аз даҳ нуҳ нафари онҳо аз деҳот мебошанд. Чораҳои мутамарказонида дар самти санитария барои минтақаҳои Осиёи ҷанубӣ ва ҷануби саҳрои Африқо, ки яз се як ва аз чор як ҳиссаи аҳолии онҳо ҳануз дар фазои кушод наҷост мекунанд, бояд андешида шаванд.



Ҳар сеюм нафар дар давлатҳои тараққиётошон аз ҳама паст ҳануз дастрасӣ ба манбаҳои оби тозаи ошомиданӣ надоранд




Ҷомеаи ҷаҳонӣ яд сатҳи ҳозираи пастшавии содири наҷосат дар ҷоҳҳои кушодро ду маротиба бештар кунад, то ин ки то соли 2030 сатҳи ба сифр баробарӣ содири наҷосат дар ҷойҳои кушод ноил гардид

**Шаҳр**

Беҳбудии санитария ба манфиати аҳолии аз ҳама камбизоат гардид

**Деҳот**

Беҳбудии санитария ба манфиати аҳолии аз ҳама сарватманд гардид



Дар бисёр кишварҳои омӯхташуда беҳбудӣ санитария дар шаҳрҳо аз соли 1990 инҷониб бештар ба манфиати аҳолии камбизоат назар ба аҳолии бой гардидааст. Беҳтаршавии санитария дар деҳот бошад бештар ба манфиати аҳолии сарватманд назар ба аҳолии камбизоат гардидааст



For every child inc covers.indd 15 06/11/2015 17:06

# Таъминоти ғизо

**Вазъи имрӯза**. Коҳиши ҷиддии шумораи одамони қадпаст, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии норасоии ғизо мебошад, аз пешравии ҳақиқӣ дар муносибат бо кӯдакони дунё шаҳодат медиҳад. Байни солҳои 1990 ва 2014, сатҳи ҷаҳонии қадпастӣ байни кӯдакони синни то 5-сола то 40 фоиз паст шуд. Ин пешравӣ бо якчанд омилҳо алоқаманд аст ва сиёсати миллии такмилёфта ва барномаҳои самарабахш дар самти таъминоти ғизо, дастовардҳо дар қисми иловаҳои серғизои хӯрокӣ, амнияти беҳтари озуқаворӣ ва рушди иқтисодӣ аз ҷумлаи онҳоянд.

Вале новобаста аз ин аз чор як ҳиссаи тамоми кӯдакони аз синни 5-сола хурдтари дунё қадпастанд. Ҳамзамон омили дигари камғизоӣ, ки фарбеҳӣ аст, байни кӯдакон рӯз аз рӯз бештар ба назар мерасад. Аз соли 2000 то соли 2014 миқдори кӯдакони сервазн аз 31 миллион то 41 миллион афзуд.

**Бартараф кардани фосилаҳо**. Пешравӣ дар самти паст кардани сатҳи қадпастӣ дар ҳар минтақа гуногундараҷа буд. Кӯдакони деҳот назар ба кӯдакони шаҳр бештар ба қадпастӣ дучор мешаванд. Аз панҷ се зерминтақаҳои Африқо шоҳиди афзоиши шумораи кӯдакони қадпаст байни аҳолии кӯдакони то синни 5-сола гардиданд.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ бошад кӯдакони оилаҳои камбизоат дар муқоиса ба кӯдакони оилаҳои сарватманд ду муротиба бештар зери хатари ба қадпастӣ дучор шудан қарор доранд. Дастовардҳо дар самти паст кардани нобаробариҳои ҷодаи мубориза ба қадпастие, ки ба боигарӣ вобастагӣ доранд, таъсири мушаххас эҷод накарданд.

Аз соли 2000 инҷониб қариб дар ҳамаи минтақаҳо миқдори кӯдакони сервазн афзоиш ёфт. Хусусан афзоиши шумораи кӯдакони ҳам сервазн ва ҳам қадпаст байни аҳолии кӯдакони синни то 5-сола дар Африқои шимолӣ ва марказӣ, ки дар онҷо низоми тандурустӣ барои мубориза зидди ин падидаи дучанди камғизоӣ ба таври зарурӣ таҷҳизонида нашудааст, боиси нигаронии ҷиддӣ аст.




Дар соли 2000 аз се як ҳиссаи кӯдакони аз синни 5-сола хурдтар дар муқоиса ба аз чор як ҳиссаи чунин кӯдакон дар соли 2014 қадпаст буданд



For every child inc covers.indd 16 06/11/2015 17:06

**Мушкилиҳои асосӣ**. Тақрибан ҳар чорум кӯдаки синни то 5-сола аз қадпастӣ азоб мекашад. Аз 159 миллион кӯдаки қадпасти дунё тахминан нисфи онҳо дар Осиё ва аз се як ҳиссаи онҳо дар Африқо зиндагӣ мекунанд. Соли 2014 қариб 50 миллион кӯдакони аз синни 5-сола хурдтар лоғар шуданд ва 16 миллиони онҳо бениҳоят лоғару заиф гардиданд. Аз се ду ҳиссаи ин кӯдакон дар Осиё ва Африқо ҳаёт ба сар мебаранд.

Дар саросари дунё ҳатто аз панҷ ду нафари кӯдакони синни то 6-моҳа бо синамаконии якка фаро гирифта нашудаанд, ҳоло ки ғизогирӣ тавассути синамаконии танҳо барои наҷот ва некӯаҳволии кӯдак бениҳоят зарур аст. Тифлони навзод дар минтақаи Африқои шимолӣ ва марказӣ дар шароити аз ҳама номусоид қарор доранд ва танҳо аз чор як ҳиссаи онҳо то синни 6-моҳагӣ синамаконида мешаванд. Тақрибан аз ду як ҳиссаи ҳамсолони онҳо дар Осиёи ҷанубӣ ва Африқои шарқиву ҷанубӣ танҳо бо синамаконӣ ғизо мегиранд.




Кӯдакони оилаҳои камбизоат дар муқоиса ба кӯдакони оилаҳои сарватманд ду муротиба бештар зери хатари ба қадпастӣ дучор шудан қарор доранд




Аз соли 1990 инҷониб миқдори кӯдакони қадпаст ва камвазн коҳиш ёфт, вале ҳамзамон миқдори кӯдакони сервазн афзуд



For every child inc covers.indd 17 06/11/2015 17:06

# Маориф

**Вазъи имрӯза**. Рӯз аз рӯз бештар кӯдакон дар синни мувофиқ ба муассисаҳои таълимоти иловагӣ ворид шуда истодаанд ва бо ин ба сатҳи фарогирии кӯдакон бо таълимоти ибтидоӣ, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ ба 90 фоиз расидааст, саҳм мегузоранд. Ташабусси байналмилалии “Таълим барои ҳама” яке аз омилҳои муҳим барои баланд бардоштани сатҳи фарогирӣ гардид. Лекин гарчанде ҷалби кӯдакон ба таълимоти ибтидоӣ устуворона афзоиш меёбад, пастшавии миқдори кӯдакони аз мактаб берунмонда соли 2007 бештар аз сабаби афзоиши аҳолӣ дар минтақаи ҷануби саҳрои Африқо бозистод. Ба ғайр аз ин, бештар аз се як ҳиссаи кӯдакони синни таълимоти ибтидоӣ, ки аз мактаб берун мондаанд дар давлатҳои аз низоъ осебдида зиндагӣ мекунанд. Масалан низоҳо ва табодулотҳои сиёсии мусаллаҳона дар Шарқи наздик ва Африқои шимолӣ барои мактабравии 13 миллион нафар кӯдакон монеа шуданд.

**Бартараф кардани фосилаҳо**. Байни солҳо 1999 ва 2012 баробарии гендерӣ дар ҷалби кӯдакон ба мактабҳои ибтидоӣ дар ҳамаи минтақаҳо ва бо натиҷаи ниҳоят хуб хусусан дар Осиёи ҷанубӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Омили баробарии гендерӣ дар мактабҳои миёна низ ба чунин самт рафта истодааст, вале бо суръати нисбатан суст. Тибқи оморҳо дар муассисаҳои таълимоти олӣ дар саросари дунё шумораи духтарон аз писарон бештар мебошад, гарчанде ин шумора аз як минтақа ё давлат то дигар минтақа ва давлат фарқ мекунад.

Дар аксари 94 давлате, ки маълумоти марбут пешкаш менамоянд, афзоиши ҷалби кӯдакон ба мактаб ҳамзамон бо зиёдшавии бесобиқаи фосила ва фарқият байни мактабравии кӯдакони оилаҳои сарватманд ва кӯдакони хонаводаҳои камбизоат ба вуқӯъ пайваста истодааст. Аммо фосилаи назаррас дар натиҷаи таълим ва дониши бадастомада байни кӯдакон ҳам дар вобастагӣ ба сарватмандии оилаи онҳо ва ҳам ҷинси онҳо ҳануз боқӣ мемонад.  Дар аксари давлатҳое, ки маълумот пешкаш менамоянд, духтарон қобилияти беҳтари хондан доранд, аммо сатҳи омӯзиш барои ҳам писарон ва ҳам духтарон дар бисёри давлатҳо паст аст. Қариб дар ҳамаи давлатҳое, ки маълумоти ибтидоӣ медиҳанд, кӯдакони оилаҳои бой дар муқоиса бо кӯдакони хонаводаҳои камбизоат эҳтимолияти бештар барои расидан ба стандартҳои ақалии хондан доранд.

Байни солҳо 1999 ва 2012 баробарии гендерӣ дар ҷалби кӯдакон ба мактабҳои ибтидоӣ дар ҳамаи минтақаҳои дунё рӯ ба беҳбудӣ ниҳод





For every child inc covers.indd 18
06/11/2015 17:06

**Мушкилиҳои боқимонда.** Тибқи ҳисоботҳои соли 2013 тахминан 59 миллион писарон ҳуқуқи худро ба таълимоти ибтидоӣ амалӣ накарданд. Дар сатҳи глобалӣ аз се ду ҳиссаи ҳамаи кӯдакони синни таълимоти миёна ба мактаб ҷалб гардидаанд, аммо дар давлатҳои тараққиёташон аз ҳама паст танҳо аз се як ҳиссаи чунин кӯдакон ба мактаб ҷалб шуданд. Барои аз ҷалби кӯдак ба мактаб ба дастовард расидан таваҷҷӯҳи тадриҷан бештар ба натиҷаҳои омӯзиш дар мактаб ва паст кардани фосила байни имкониятҳои кӯдакони оилаҳои бой ва кӯдакони хонаводаҳои камбизоат барои таълимгирӣ дар мактаб зарур аст.




93 фоизи кӯдакони синни мактабҳои ибтидоӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ба мактаб ҷалб шудаанд. Аммо 7 фоизи боқимондаи кӯдакони ин синну сол, ки 59 миллион нафарро ташкил мекунанд (вазъи соли 2013), аз мактаб берун мондаанд




Кӯдакони оилаҳои аз ҳама камбизоат дар муқоиса бо кӯдакон оилаҳои сарватманд панҷ маротиба бештар эҳтимолияти аз мактаб берун монданд доранд. Қариб дар ҳамаи давлатҳои маълумот пешкашнамуда кӯдакони оилаҳои сарватманд дар муқоиса бо кӯдакони оилаҳои камбизоат ба натиҷаҳои хубтар дар мактаб ноил мегарданд

# Ҳифзи кӯдак

**Вазъи имрӯза**. Бо ченакҳои зиёд дар муқоисаа ба давраи оғози ҲРҲ имрӯз кӯдакон беҳтар муҳофизат мешаванд. Барои кӯдакони синни то 5-сола сатҳи бақайдгирии таваллуд, ки барои кафолат додани дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои асосӣ ба мислӣ таълим ва ҳифзи тандурустӣ мусоидат мекунад, аз 58 то 65 фоиз байни солҳои 2000 ва 2010 афзуд. Инчунин шумораи духтароне, ки пеш аз расидан ба синни 18-солагӣ издивоҷ мекунанд, аз ҳар сеюм духтар дар соли 1990 то ҳар чорум духтар айни замон паст шуд.

Новобаста аз ин, кӯдакон ҳануз ба оқибатҳои сӯистифода аз чораҳои муҳофизат, ба мисли зӯроварӣ, дучор мешаванд. Соли 2014 ЮНИСЕФ маҷмӯаи аз ҳама калонтари маълумот оид ба хушунат нисбати кӯдаконро ба нашр баровард ва бо ин омилҳои дар оянда ба назорат ниёзмандро муқаррар намуд. Ин гузориш муайян намуд, ки кӯдакон ва наврасони синни то 20-сола қариб ҳар панҷум қурбонии худкуширо дар ҷаҳон ташкил мекунанд – 95,000 нафар танҳо дар соли 2012. Маълумоти фарогири марбут аз вазъи давлатҳо нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна, аз панҷ чор нафари кӯдакони синни аз 2 то 14 бо усулҳои интизомии зӯроварона дар хона тарбия мегиранд. Ин намуди хушунат дар ҳамаи минтақаҳои дунё дида мешавад.

**Бартараф кардани фосилаҳо**. Пешравӣ дар самти бақайдгирии таваллуд нобаробар буд, вале давлатҳои камтараққӣ дар маҷмӯъ ба дастовардҳои беҳтарин дар ин ҷода дар солҳои охир муяссар шуданд.  Ҳамзамон афзоиши бошиддати аҳолӣ дар ҷануби саҳрои Африқо мушкилии хоса эҷод мекунад. Агар сатҳи бақайдгирӣ ба таври имрӯза ва сатҳи афзоиши аҳолӣ чунин идома ёбанд, шумораи кӯдакони бақайдгирифтанашуда дар Африқои шарқӣ ва ҷанубӣ, ки айни ҳол 44 миллионро ташкил мекунанд, то соли 2050 то ба 68 миллион мерасад ва дар Африқои ғарбӣ ва марказӣ қариб ду маротиба зиёд мешавад.

Дар дохили давлатҳо нишондодҳои миллӣ ба ҳисоби миёна фосила ва нобаробариҳои калонтареро, ки дар сатҳи минтақаҳои давлат вуҷуд доранд, рӯйпуш мекунанд. Дар саросари дунё кӯдакони баъзе гурӯҳҳои динӣ ва этникӣ, кӯдакони деҳот ва манотиқи дурдаст, кӯдакони дар оилаҳои камбизоат ва аз модарони бемаълумот бадунёомада барои ба қайд гирифта шудани таваллуди худ эҳтимолияти камтар доранд.

Фарқияти калон дар сатҳи издивоҷ дар овони кӯдакӣ байни минтақаҳои дунё дида мешавад. Сатҳи аз ҳама баланди издивоҷ дар овони кӯдаки дар Осиёи ҷанубӣ ва ҷануби саҳрои Африқо ҷой дорад. Занҳои синни аз 20 то 49, ки дар оилаҳои камбизоат ба воя расидаанд дар муқоиса бо занони ҳамин синну сол аз оилаҳои бойтарин бо эҳтимолияти 2.5 маротиба бештар дар овони кӯдакӣ издивоҷ кардаанд.

Маълумоти аз кишварҳои гуногун ҷамъовардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки интизоми ба зӯроварӣ асосёфта дар хонаводаҳо омили паҳнгашта аст, аммо он ба таври систематикӣ ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии хонавода марбут дониста намешавад. Ҳолатҳои худкушии кӯдакон бошад бештар мутамарказонида шудаанд: танҳо 10 давлат макони беш аз нисфи ҳамаи худкушии кӯдакон дар соли 2012 буданд ва Амрикои Лотинӣ минтақаест, ки дар он миқдори аз ҳама калонтарини худкушиҳои кӯдакон дар ҷаҳон ба вуқӯъ мепайванданд. Сатҳи хушунати ҷинсӣ нисбат ба кӯдакон аз як давлат то дигар давлат фарқ мекунад. Якчанд омӯзишҳо муайян сохтанд, ки кӯдакон дар давлатҳои мавриди низоъ қароргирифта зери хатари бештари чунин намуди хушунат қарор мегиранд.



For every child inc covers.indd 20 06/11/2015 17:06

**Мушкилиҳои боқимонда**. Дар сатҳи ҷаҳонӣ таваллуди тақрибан 230 миллион нафар кӯдакони аз синни 5-сола хурдтар ба қайд гирифта нашудааст. Аз нисф зиёди ин кӯдакон дар давлатҳои Осиё ҳаёт ба сар мебаранд ва 81 миллиони онҳо дар давлатҳои камтараққӣ қарор доранд. Агар сатҳи кунунии издивоҷ дар овони кӯдакӣ чунин идома ёбад, миқдори духтароне, ки то синни 18-солагӣ издивоҷ мекунанд аз 15 миллион дар ҳоли имрӯз то 16.5 миллион то соли 2030 афзоиш хоҳад ёфт. Миқдори умумии заноне, ки дар овони кӯдакиашон издивоҷ кардаанд дар ҳамин давра аз 700 миллион то 950 миллион меафзоянд. Дар сатҳи ҷаҳонӣ танҳо 8 фоизи кӯдакон дар кишварҳое зиндагӣ мекунанд, ки онҳо ба таври қонунӣ аз ҷазои ҷисмонӣ дар ҳама ҳолатҳо ҳифз мегарданд; 2 миллиард кӯдаки боқимонда бе ҳифзи пурраи қонунӣ ҳаёт ба сар мебаранд.

**Шаҳр**

Фоизи таваллуди бақайдгирифташуда

79%



**Деҳот**

Фоизи таваллуди бақайдгирифташуда

50%



Дар сатҳи глобалӣ сатҳи бақайдгирии таваллуд дар деҳот аз сатҳи бақайдгирӣ дар шаҳр тадриҷан паст аст



**Издивоҷ дар овони кӯдакӣ дар Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ**




Дар минтақаҳои Шарқи Наздик ва Африқои Шимолӣ сатҳи издивоҷ дар овони кӯдакӣ дар ду даҳсолаи охир қариб ба нисф коҳиш ёфт – сатҳи беҳтарини пастшавӣ дар миқёси ҷаҳон



Аз 5 тақрибан 4 нафари кӯдакони синни аз 2 то 14-сола бо хушунат дар хона дучор мешаванд



For every child inc covers.indd 21 06/11/2015 17:06

# Ҳамгироии иҷтимоӣ

**Вазъи имрӯза**. ЮНИСЕФ барои дастгирии кӯдакони аз ҳама камбизоат ва дурмонда ва бо мақсади мусоидат ба давлатҳо дар дарки омилҳо ва заминаҳои камбизоатӣ ва истисноии кӯдакон, инчунин таҳияи чораҳои самаранок барои бартарафсозии ин падидаҳо, кор мебарад. Гарчанде ЮНИСЕФ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ба кӯдакони хонаводаҳои аз ҳама камбизоат дастрасӣ пайдо кунад ва бар зидди табъиз дар ҳамаи самтҳои фаъолияти худ мубориза барад, аз сабаби бисёрсатҳу мураккаб будани сабабҳои камбизоатӣ ва маҳдудкунии иҷтимоӣ чораҳои иловагӣ заруранд.

Ченакҳои асосии пешравӣ дар самти ҳамгироии иҷтимоӣ дар доираи омори дар гузориши мазкур болотар қайдгардида, муайян карда шуданд ва онҳо аз бартарафсозии норасоиҳо дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва беҳбудӣ дар ҳаёти кӯдакони гурӯҳҳои таърихан маҳдудшуда шаҳодат медиҳанд. Дар асоси рақамҳо оид ба рушди самтҳои гуногун гуфтан мумкин аст, ки фосилаи адолати иҷтимоӣ камтар шуда истодааст, баъзе аз ҷиҳатҳои ҳамгироии иҷтимоӣ такмил ёфтанд, вале боз кори зиёдеро бояд анҷом дода шавад.

**Бартараф кардани фосилаҳо**. Камбизоатии молиявӣ дар пайдоиши нобаробарии давомдор нақши асосиро мебозад. Бидуни сатҳи зарурии даромад оилаҳо наметавонанд кӯдакони худро дар татбиқи ҳуқуқҳои онҳо ба таври лозимӣ дастргирӣ намоянд. Кӯдакон аз ҳама гурӯҳи бештари аҳолии камбизоат дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ мебошанд ва 47 фоизи аҳолиеро, ки бо маблағи аз $1.25 доллари ИМА камтар дар як рӯз зиндагӣ мекунад, ташкил менамоянд. Шумораи кӯдакони ҷавон аз хонаводаҳои камбизоат дар кишварҳои дорои даромади хурд бениҳоят зиёд аст ва беш аз нисфи кӯдакони синни то 12-сола дар ин давлатҳо дар вазъи камбизоатии шадид қарор доранд.

Камбизоатӣ байни кӯдакон барои кишварҳои дорои даромади баланд низ масъалаи ташвишовар аст. Гарчанде нобаробариҳо зери ниқоби ченаки даромади сатҳи миёна пинҳон мешаванд, вазъи кӯдакон дар давлатҳои бой низ, хусусан баъд аз бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ, он қадар хуб нест. Дар охири давраи таназзули иқтисодӣ, дар давлатҳои бой 2.6 миллион нафар бештар кӯдакон назар ба давраи пеш аз бӯҳрони иқтисодӣ дар соли 2008 дар хонаводаҳои камбизоат қарор гирифтанд.

**721 миллион** аммо **47%**

дар муқоиса ба 30 соли пеш имрӯз миқдори камтари аҳоли дар вазъи камбизоатӣ ҳаёт ба сар мебаранд

аҳолии дар вазъи камбизоатӣ қарордошта кӯдакон мебошанд



For every child inc covers.indd 22 06/11/2015 17:06

**Мушкилиҳои асосӣ**. Маълумоти боэътимод, ки барои таҳлили омилҳои сатҳи глобалӣ ё шиддати камбизоатии кӯдакона барои давраи муайян зурур аст, вуҷуд надорад. Барои муайян кардани адолати иҷтимоӣ дар пешравиҳои самти камбизоатии кӯдак на танҳо бояд миқдори кӯдаконе, ки аз хати муайяншудаи камбизоатӣ боло рафтаанд ҳисоб карда шавад, балки инчунин бояд таҳлил гардад, ки кадом кӯдакон, боназардошти сатҳи аввалаи камбизоатии онҳо, оилаи онҳо ё дигар ченакҳои камбизоатӣ, ба ин гузариш муваффақ шуданд.

Гарчанде камбизоатии пулӣ яке аз омилҳои муҳим мебошад ва одатан муайянкунии он аз ҳама содда аст, он ягона омиле нест, ки боиси зиёд гардидани беадолатии иҷтимоӣ байни кӯдакон мегардад. Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак барои мубориза бар зидди табъиз “сарфи назар аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ва ақидаи дигар, асли миллӣ, этникӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, вазъи саломатӣ ва таваллуди кӯдак, волидайн ё сарпарасти қонунии ӯ ё ягон ҳолатҳои дигар” даъват мекунад. Давлатҳо дар маҷмӯъ оид ба паҳншавӣ ва давомнокии чунин табъиз маълумот надоранд. Аммо таҳқиқотҳои сифатӣ, гузоришҳо ба созмонҳои ҳуқуқи инсон ва омори сатҳи давлатӣ ба паҳнгашта будани табъиз ва оқибатҳои харобкунандаи онҳо ба камбағалтарини камбағалҳо ишора мекунанд.



Ҳар дуюм кӯдаки синни аз 12-сола хурдтар дар давлатҳои дорои даромади хурд дар вазъи камбизоатии шадиди ҳаёт ба сар мебарад




Дар сатҳи глобалӣ, 78 фоизи одамони дар вазъи камбизоатии шадид қарордошта дар деҳот мебошанд



For every child inc covers.indd 23 06/11/2015 17:06

3

# Бартарафсозии фосилаҳои адолати иҷтимоӣ



For every child inc covers.indd 24 06/11/2015 17:06

Дар доираи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар самти паст кардани фосилаҳои адолати иҷтимоӣ, ё худ норасоиҳои ба адолати иҷтимоӣ марбут, дар байни кӯдакон мо ба дастовардҳои назаррас ноил гаштем. Аммо пешравии умумӣ дар маҷмӯъ якранг набуд. Фосила ё норасоиҳое, ки боқӣ мондаанд нишонҳои муҳимеро барои рушд дар солҳои минбаъда пешкаш менамоянд ва ба масъалаҳое ишора мекунанд, ки бояд сиёсату барномаҳои ба адолати иҷтимоӣ асосёфтаро барои ҳадафи беҳбудии вазъи кӯдакон роҳнамоӣ кунанд.

Барои ЮНИСЕФ адолати иҷтимоӣ маънои онро дорад, ки ҳамаи кӯдакон барои наҷот ёфтан, рушд кардан ва амали гардонидани иқтидори пурраи худ, бидуни ягон табъиз, ғараз ва ҷудокунӣ, имконият доранд. Ҳадафи сиёсати пешбарии адолати иҷтимоӣ аз байн бурдани шароити ноодилона ва пешгиришавандае аст, ки ҳуқуқи кӯдаконро инкор мекунад. Бархурдҳои ба адолати иҷтимоӣ асосёфта дар барномаҳо ва сиёсати ЮНИСЕФ пеш аз ҳама ба муайянкунӣ ва бартарафсозии сабабҳои нобаробарӣ равона гардидаанд, то ин, ки ҳамаи кӯдакон, хусусан кӯдакони аз ҳама камбизоат, аз хизматрасониҳои тиббӣ, ғизои босифат, санитария, оби тоза, маориф, ҳифзи кӯдак, маълумот ва дигар хизматрасониҳои барои наҷотёбӣ, бавоярасӣ ва рушди кӯдак зарурӣ баҳраманд шаванд.

## Такмили ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот

> Маълумоти ба гурӯҳҳо тақсимкардшуда, яъне иттилооте, ки ба таври умумӣ ба ҳамаи аҳоли тааллуқ надошта, ба зергурӯҳҳо тақсим карда шудааст, қисми асосии чорабиниҳои марбут ба барномаи кор оид ба адолати иҷтимоӣ мебошад

Маълумоти ба гурӯҳҳо тақсимкардшуда, яъне иттилооте, ки ба таври умумӣ ба ҳамаи аҳоли тааллуқ надошта, ба зергурӯҳҳо тақсим карда шудааст, қисми асосии чорабиниҳои марбут ба барномаи кор оид ба адолати иҷтимоӣ мебошад. Дастгирӣ ба ҳукуматҳо дар ҷамъоварӣ ва таҳлили чунин маълумот барои муайян сохтани кӯдакони ниёзманд ва дар ҳолати номусоид қарордошта аҳамияти калон дорад. Танҳо бо ҳамин роҳ метавон ба саволҳо зерин ҷавоб пайдо намуд: кианд онҳо, дар куҷо онҳо зиндагӣ мекунанд, аз кадом оилаҳоанд, барои чи онҳо аз ҳамсолони худ қафо мондаанд ва чи тавр ба онҳо кӯмак расонидан мумкин аст?

ЮНИСЕФ дар самти такмили истифодаи маълумот дар бораи кӯдакон даҳсолаҳост, ки нақши марказиро мебозад. Аз давраи ба роҳ мондани Назарсанҷишҳои кластерии дорои нишондиҳандаҳои сершумор (НКНС) дар соли 1990 ЮНИСЕФ бо ҳукуматҳо дар самти бартарафсозии норасоии маълумот ва пайгирии пешрафти кор тибқи уҳдадориҳои онҳо оид ба рушд, аз ҷумла ҲРҲ, кор мекунад. Маълумоти НКНС аз тарафи гурӯҳи омӯзонидашудаи таҳқиқотчиён дар натиҷаи мусоҳибаҳои рӯбарӯ бо аъзоёни хонаводаҳо оид ба мавзӯъҳои гуногун ҷамъоварӣ карда мешаванд. Ин маълумот айни замон маводи асосӣ барои муайянсозӣ ва пайгирии адолати иҷтимоӣ ба воситаи тақсимкунии маълумот ба гурӯҳҳо дар асоси вазъи сарватмандӣ, минтақаи ҷуғрофӣ, ҷинс, қавмият, забон, дин, синну сол ва дигар омилҳое, ки метавонанд аз ченакҳои камбизоатӣ шаҳодат диҳанд, мебошад.

Ба шарофати маълумоти боэътимод далелҳои нав оид ба ниёзҳои аҳолии осебпазир ва дурмонда ва роҳҳои баррасии ин ниёзҳо ба даст меоянд. Дар якчанд НКНС-ҳо назарсанҷишҳо ва пурсишҳои иловагӣ аҳолии осебпазир ба милси аҳолии ҷугиҳо, гурӯҳҳои африқонажод ва аҳолии такҷоӣ вазъи махсуси худро таъкид сохтанд. Маълумоти алоҳидаи дар асоси ҷинс ба гурӯҳҳо тақсимшуда барномарезиҳоро дар самти фавти модарон, саломатии модарон ва масълаҳои дигар ба монанди буридани иллати таносули зан тақвият бахшид. Ба иловаи ин, тавассути НКНС ва модули он дар бораи қаноатмандӣ аз ҳаёт маълумоти бештар оид ба наврасон ҷамъоварӣ мешавад, ки дар навбати худ фаҳмиши амиқтар оид ба мушкилиҳои ҳаёти ҷавонон пешкаш менамояд.

ЮНИСЕФ инчунин ба ҳукуматҳо дар ҷамъоварии маълумоти даврии маъмурӣ, ки низомҳои тандурустӣ, маориф ва ҳифзи кӯдакро дар бар мегиранд, кӯмак мерасонад. Беҳтар тақсимшавии маълумот ва таҳлили амиқтари маълумоти даврaӣ имконият медиҳад, ки вазъи гурӯҳҳои аз ҳама номусоид бо маълумоти тоза саривакт бознигарӣ шаванд. Ҳамзамон нишондиҳандаҳои боэътимод ва дарозмуҳлат бештар ба воситаи пурсишҳои даврӣ ба монанди НКНС ва пурсишҳои демографӣ ва марбут ба тандурустӣ муайян мегарданд.

Дар натиҷаи коркарди воситаҳои (барномавии) таҳлилӣ  барои муайянсозии самтҳои нобаробарӣ истифодаи маълумот боз ҳам такмил ёфт. Яке аз чунин воситаҳо, ки аз тарафи ЮНИСЕФ таҳия шудааст Таҳлили бисёрҷабҳаи маҳрумият (ТБҶМ) аст, ки барои муқаррар кардани самтҳои чораҳо ва барномаҳо дар давлатҳои дорои даромади хурд, миёна ва калон истифода мегардад. ТБҶМ вазъи некӯаҳволии кӯдакро ба воситаи таваҷҷӯҳи хоса ба дастрасии ӯ ба маводҳои гуногун ва хизматрасониҳои аввалиндараҷа барои наҷотёбӣ ва рушди ҳамаҷонибаи кӯдак муайян месозад. Он эътироф мекунад, ки таҷрибаи нокомии кӯдак асосҳои мухталиф дорад ва ин норасоиҳои сершумор ва такроршаванда метавонанд байни аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ноком бештар пайдо шаванд.

Барои ба амалҳои мушаххас табдил додани диди барномаи кор оид ба адолати иҷтимоӣ соли 2011 ЮНИСЕФ як воситаи дигар бо номи “Назорати натиҷаҳо барои низоми одилона” таҳия намуд. Ин восита барои ташхиси омилҳо ва ё монеаҳое, ки беҳбудии вазъи кӯдакони зери хатар қаророргирифтаро маҳдуд мекунанд, пайдо намудан ва татбиқи роҳҳои ҳалли масъала ва ба таври доимӣ пайгириву назорат кардани ин пешравӣ истифода мегардад.

Ҳамзамон тибқи мандати глобалии худ барои кор бо кӯдакон ЮНИСЕФ дар кишварҳои дорои даромади баланд “кортҳои ҳисоботӣ” оид ба некӯаҳволии кӯдакон таҳия месозад.  Корти ҳисоботии охирин ба оқибатҳои бӯҳронӣ глобалӣ ба вазъи кӯдакон дар давлатҳои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд  бахшида шуда буд. Он тасдиқ намуд, ки кӯдакони дар вазъи бахусус осебпазир қарордошта (аз ҷумла кӯдакони бекор, муҳоҷир, дорои волидайни ягона ва кӯдакони хонаводаҳои калон) аксариятро дар қариб ҳамаи нишондодҳои асосии камбизоатӣ ташкил мекунанд.

Духтарчае ҳангоми ҳамроҳ шудан ба дӯстони худ дар майдочаи бачагонаи ба кӯдакони имкониятaшон маҳдуд некхоҳона дар Чорҷтайн, Гуяна, бо даст имо мекунад.


© UNICEF/UKLA2014-1214/Milton



For every child inc covers.indd 26 06/11/2015 17:06

БАНГЛАДЕШ. АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ТАҒЗИЯ

Гурӯҳи арзёбии фаврии ғизо қади кӯдакро ҳангоми ташриф ба хонае дар ноҳияти Чолиша Нагари Бангладеш андоза мегирад.



© UNICEF/BANA2014-01445/Haque

## Муайянсозии омилҳо барои пешгирии норасоии ғизо

Дар вазъи Омии 14-моҳа аломатҳои норасоии шадиди ғизо дида мешуд: як намуди хеле харобу лоғар, вазни кам, сироятҳо ва мазза надодани хӯрок. Вале модари ӯ, Луки Ахтар, фикр кард ӯ худ ба худ беҳтар мешавад. Гарчанде аломатҳои духтарчаи хурдсол Ахтарро хавотир мекарданд, ҳамсояҳояш ба вай мегуфтанд, ки ин мушкилиҳо худ бу худ нест мешаванд. Модари 22-солаи ду фарзанд дар ноҳияи Нетракона, воқеъ дар шимоли Бангладеш, кӯшиш мекард, ки то ҳадди имкон ва тавонии ӯ ва шавҳараш, ки муҳоҷири меҳнатӣ буд, хӯроки беҳтар бихарад. Вақте вазъи саломатии духтараш бад шуд, Ахтар фикр мекард, ки ҳеҷ чое набуд, ки ӯ муроҷиат кунад. “Баъзан ман фикри Омиро ба духтур бурданро мекардам”, мегуфт ӯ, “лекин касе набуд, ки марои барои ин роҳнамоӣ кунад”.

Дар ин муддат гурӯҳи таҳқиқотчиёни ихтисосманд, ки барои баҳодиҳии вазъи норасоии ғизо дар Нетракона қарор доштанд, ба хонаи Ахтар ташриф оварданд. Роҳбари гурӯҳ, ҷаноби Ахтаруззаман, ӯро ҳушдор дод, ки Омии хурдсол аз норасии шадиди ғизо азоб мекашад. “Мо аз падару модари вай хоҳиш кардем, ки ӯро фавран ба назди духтур баранд ва таъкид кардем, ки муолиҷаи дуруст имконият медиҳад, ки кӯдаки онҳо баъдан ба мисли дигар кӯдакон солим ба воя расад,” қайд кард ӯ.

Ахтаруззаман профессори Институти илмҳои ғизо ва маводи хӯрокӣ дар донишгоҳи Дака ва инчунин аъзои Гурӯҳи фаврии арзёбии вазъи таъминоти ғизо мебошад, ки дар доираи барномаи аз тарафи ЮНИСЕФ дастгиришаванда, ки 10 ноҳияи ба офатҳои табии осебпазири Бангладешро дар бар мегирифт, фаъолият мекунад. Барномаи мазкур аз тарафи Раёсати Комиссияи Аврупо оид ба ёрии гуманитарӣ ва муҳофизати гражданӣ (ECHO) маблағгузорӣ шуда, ба баланд бардоштани иқтидори сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ барои пешгирии норасоии ғизо, хусусан дар ҳолатҳои фавқулода, равона гардидааст.

Ҳатто дар ҳолати набудани бӯҳрон сатҳи норасаии ғизо дар байни кӯдакон дар Бангладеш баланд аст. Ҳолатҳои фавқулода ба монанди обхезӣ ва тундбодҳо эҳтимолияти камғизоиро дар хонаводаҳои камбизоат бештар мегардонанд. Бо мақсади омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода, гурӯҳи баҳодиҳӣ барои муайянсозии сатҳи таъминоти ғизо дар байни кӯдакон назарсанҷишҳо мегузаронид. Барои Оми ташрифи ин гурӯҳи таҳқиқотчиён ба мисли бахшидани ҳаёти нав ба ӯ гардид.



For every child inc covers.indd 27 06/11/2015 17:06

## БРАЗИЛИЯ. РАДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ОГОҲОНИДАН ОИД БА ВНМО ВА БНМО



© UNICEF Brazil/2014/Page

Агенти ихтиёрии тандурустӣ Родриго Хавиер дар назди варақаи деворӣ барномаи Огоҳинокии Ҷавонон дар Форталезаи Бразилия.

## Кор дар самти ВНМО дар байни наврасони зери хавф қарордошта

Вақте ки Родриго Хавиер ба синни 18 расид, ӯ аллакай тарғибгари собиқадори соҳаи тиббие буд, ки барои мусидат ба пешгирии сирояти БНМО дар байни наврасони зери хавф қарордоштаи Форталезаи Бразилия кор мебурд.

«Шавқу ҳаваси ман ба масъалаҳои тандурустӣ аз синни хурдсолӣ пайдо шуд» нақл мекунад Родриго. Дар синни 11-солагӣ ӯ дар барномаи радиоии мактабаш ширкат меварзид ва онҷо оид ба масъалаҳои тандурустӣ  баромад мекард. Вақте ба синни 12 расид ӯ ба барномаи мактабӣ бо номи “Тандурустӣ ва пешгирии бемориҳо”, ки аз ҷониби дафтари ЮНИСЕФ дар Бразилия дастгирӣ меёфт, ҳамроҳ шуд. Дар синни 15-солагӣ ӯ дар доираи барномаи дигари ЮНИСЕФ намояндаи (агенти) тандурустии наврасон шуд.

«Дар ин марҳила ман ба қобилияти худ ва маълумоти тиббие, ки паҳн мекардам, боварии бештар пайдо намудам», ба хотир меоварад Родриго. Бо ин боварӣ ӯ ба барномаи «Огоҳинокии Ҷавонон», ки ҳамчун барномаи озмоишие бо ташаббуси ЮНИСЕФ оғоз гардида буд, ҳамроҳ шуд. Дар доираи ин барнома ӯ огоҳинокии аҳолиро оид ба пешгирии ВНМО ва сироятҳои ба воситаи алоқаи ҷинсӣ гузаранда баланд мебардошт.

«Мо мошини мусофиркашии (маршрутка) тандурустӣ дорем, ки дар маҳаллаҳои гуногуни шаҳр имконияти санҷиши ихтиёрии ВНМО ва машварат оид ба он пешниҳод мекунад», гуфт Родриго. Ба ғайр аз ин якчанд ихтиёриёни барномаи “Огоҳинокии Ҷавонон” ба марказҳои таълимии наврасони бо қонун дар мухолифатбуда рафта, маълумоти марбут оид ба тандурустӣ байни ин гурӯҳи ҷавонон паҳн мекунанд.

«Ташрифи онҳо барои суҳбат бо мо як чизи хуб буд, зеро аксари мо ба мӯҳлати дароз инҷо мемонем ва оид ба масъалаҳои нозук ба монанди ВНМО мо наметавонем бо калонсолони марказ сӯҳбат кунем», гуфт яке аз духтарони чунин марказҳо. Чунин ҷавобҳо масъулияту шавқи Родригоро барои ба ҳамсолни худ дар таъмини дастрасии беҳтар ба маълумот ва хизматрасониҳои тиббӣ кӯмак расонидан, бештар мегардонид.



For every child inc covers.indd 28 06/11/2015 17:06

# Барномарезии ба адолати иҷтимоӣ асосёфта барои кӯдакон

Маълумоти ба гурӯҳҳо тақсимшуда соҳаҳои нобаробариро муайян месозад ва самтҳои ба амал ниёздоштаро аниқ мекунад. Чунин маълумот ба ЮНИСЕФ имконият медиҳад, ки чорабиниҳо ва барномаҳои худро бештар ба оилаҳо ва кӯдакони дорои ниёзи хос равона кунад. Он инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ раванди таҷдиди барномаҳоро барои ҳар чи бештар кардани таъсири барномаҳои ЮНИСЕФ, новобаста аз он ки он чорабиниҳои гуманитарӣ дар ҳолатҳои ҷой доштани низоъ ва офатҳои табиӣ ё ин, ки барномаҳои ба адолати иҷтимоӣ асосёфтаро дар мавриди рушд дар бар мегирад, тақвият мебахшад. Дар поён тарҳи бархурди ЮНИСЕФ ба барномарезӣ оид ба адолати иҷтимоӣ барои кӯдакон пешкаш мегардад.

> Яке аз асосҳои бархурди адолати иҷтимоӣ ин сармоягузорӣ ва васеъгардонии доираи фарогирии чораҳои аз лиҳози хароҷот самаранок барои беҳтар гардонидани вазъи саломатии модар ва кӯдак мебошад

**Тандурустӣ.** Яке аз асосҳои бархурди адолати иҷтимоӣ ин сармоягузорӣ ва васеъгардонии доираи фарогирии чораҳои аз лиҳози хароҷот самаранок барои беҳтар гардонидани вазъи саломатии модар ва кӯдак мебошад. ЮНИСЕФ ин бархурдро дар ҳамкории худ бо ҳукуматҳо ва шарикон бо мақсади тезонидани пешравӣ дар вазъи занон ва кӯдакон, инчунин паст кардани фарқиятҳо байни аҳолӣ ва байни миллатҳои гуногун истифода мекунад. Бо таваҷҷӯҳи хоса ба кӯдакони ҷамъиятиҳои аз ҳама камбизоат ва дар шароити номусоид қарордошта, барномаи самти тандурстӣ чораҳоеро дар бар мегирад, ки хусусиятҳое зеринро доранд:

- пешгирикунанда – аз ҷумла эмгузаронӣ бар зидди фалаҷ ва дигар бемориҳои бо ваксинагузаронӣ пешгиришаванда;
- дастурдиҳанда – аз ҷумла чораҳо барои пешбарии синамаконии танҳо ҳадди ақал дар давоми шаш моҳи аввали ҳаёт, хобравӣ дар таги турҳои бо интексидҳо коркардшуда барои пешгирии вараҷа ва дастшӯӣ;
- шифобахшӣ – ки муолиҷаи бемориҳои ҷиддӣ ба монанди илтиҳоби шуш, дарунравӣ ва вараҷаро дар бар мегирад.

**ВНМО ва БНМО.** Аз соли 2000 инҷониб сатҳи сироятҳои нави ВНМО дар байни кӯдакони синни то 15-сола қариб то 60 фоиз паст карда шуд. Бори авввал дар таърихи эпидемияи ВНМО дунёи муосир имрӯз дониш, таҷриба ва воситаҳои зарурииро барои пайдоиши насли озод аз БНМО дорад. ЮНИСЕФ баҳри босуръат намудани пешрафт дар самти барҳамдиҳии гузариши ВНМО аз модар ба кӯдак, таъмини муоилиҷа ба кӯдакони ниёзманд ва паст кардани сатҳи паҳншавии ВНМО дар байни наврасон бо ҳукуматҳои давлатҳои гуногун кор мебарад. ЮНИСЕФ инчунин ба давлатҳо дар самти татбиқи стратегияҳои навгун барои бартарафсозии фосилаҳои адолати иҷтимоӣ дар дастрасӣ ба санҷиши БНМО, хизматрасониҳо барои пешгириву муоилиҷаи он барои кӯдакон ва оилаҳои онҳо ҳамкорӣ мекунад. Авлавиятҳо дар ин ҷода самтҳои зеринро дар бар мегиранд:

- таъмин намудани аҳолии душворфатҳ бо маълумот оид ба хизматрасониҳои пешгирӣ ва муолиҷаи ВНМО;
- бартарафсозии монеаҳо ва мушкилот дар самти пешгириии гузариши ВНМО аз модар ба кӯдак;
- ташкил намудани муолиҷаи антиретровирусӣ дар давоми 12 ҳафтаи якуми ҳаёт, ки эҳтимолияти наҷотёбии кӯдаки ба ВНМО гирифторшударо то 75 фоиз бештар мегардонад.



For every child inc covers.indd 29 06/11/2015 17:06

Ба ғайр аз таъмин намудани ниёзи таъҷилӣ дар ҳолатҳои бӯҳрони гуманитарӣ барномаи ОСБ инчунин ба тағйиротҳои дарозмуддати фарогир мусоидат мекунад

**Об, санитария ва беҳдошт (ОСБ).** Барномаи ОСБ-и ЮНИСЕФ, ки таваҷҷуҳи асосии он ба аҳолии аз ҳама камбизоат ва дар шароити номусид қарордошта, хусусан дар давлатҳои тараққиёташон суст, равона гардидааст, дар зиёда аз 100 давлати дунё татбиқ мегардад. Ба ғайр аз таъмин намудани ниёзи таъҷилӣ дар ҳолатҳои бӯҳрони гуманитарӣ барномаи ОСБ инчунин ба тағйиротҳои дарозмуддати фарогир мусоидат мекунад. Ташаббусҳои санитарияи фарогири сатҳи ҷамъиятҳо дар паст кардани фосилаҳои адолати иҷтимоӣ дар самти санитария ва беҳдошт дар бисёр ҷамъиятҳои камбизоат саҳми назаррас гузоштанд. Дигар стратегияҳо ба мисли ҳисобрасӣ кардани устувории хизматрасониҳо дар таъмин намудани маълумоте мусоидат карданд, ки барои масъулиятнок кардани давлат барои кӯмак ба ҷамъиятҳои камбизоат зарур аст. Ташаббусҳо дар ин самт ба ҳадафҳои зерин равона гардидаанд:

- таъмин кардани фазои мусоиди сиёсӣ барои босуръат кардани пешрафт дар самти дастрасии умумӣ ба оби тоза, санитария ва шароити беҳдошт;
- такмил додани сатҳи хизматрасонӣ;
- фаъолият баҳри ба амал овардани дигаргунии мусбӣ дар рафтори аксари одамон (масалан бо дастшӯӣ).

Дар роҳ ба сӯи нуктаи обгирии ӯрдугоҳи гурезагон дар минтақаи Кигомаи Ҷумҳурии Муттаҳидаи Танзания, духтараки бурундӣ хоҳари хурдсоли худро дар халтаи басташаванда гирифта, худ ва ӯро бо чатр аз офтоб муҳофизат мекунад.



© UNICEF/NYHQ2015-1727/Beechey

**Таъминоти ғизо.** ЮНИСЕФ дар якҷоягӣ бо ҳукуматҳо ва шарикони дигари худ бар зидди қадпастӣ ва дигар шаклҳои камғизоӣ мубориза мебарад. Пешгирӣ кардани камғизоӣ дар марҳилаҳои аввали ҳаёти кӯдак бениҳоят муҳим аст. Чунин бархурд метавонад оқибатҳои кӯтоҳмӯҳлати рушди суст, беморӣ ва марг дар овони кӯдакӣ, инчунин таъсири дарозмӯҳлати камолоти нопурра, қобилияти сусти омӯзишӣ (дар мактаб), камшавии маҳсулнокӣ ва иқтодорӣ гирифтани даромад дар давраи калонсолиро пешгирӣ кунад. Камбизоатӣ дар марҳилаи аввали ҳаёт метавонад боиси такрорёбии давраи (сикли) наслии (ба як насл тааллуқдошта) камғизоӣ гардад, зеро духтарони камғизо метавонанд ба модарони камғизо табдил ёбанд ва кӯдакони камвазнро ба дунё оранд ва ин тавр давраи камғизоӣ барои онҳо такрор мешавад. Давраи аз ҳомиладории зан то дуюм зодрӯзи кӯдак, ки 1000 рӯзи аввали ҳаёти кӯдакро ташкил мекунад, имконияти нотакрор барои бартарафсозии вазъи камғизоӣ пешниҳод мекунад. Қабули ғизои зарурӣ барои модар ва кӯдак дар ин давра метавонад таъсире расонад, ки ба тамоми давраи боқимондаи ҳаёти онҳо муфид гардад. Чораҳои зарурии таъминоти ғизо аз ҷумлаи инҳоанд:

- муътадил нигоҳ доштани ғизои модар;
- пешбарии ғизодиҳии мувофиқ барои тифли навзод ва кӯдаки хурдсол;
- мубориза бар зидди норасоии микроэлементҳои зарурӣ (масалан ба воситаи таъмини витамин А);
- муолиҷаи норасоии шадиди ғизо.



For every child inc covers.indd 30 06/11/2015 17:07

**Мориф.** Фаъолияти ЮНИСЕФ дар самти маориф баробариро дар қатори авлавиятҳо мегузорад ва ба духтарон ва писарон барои гирифтани дониши аввалиндараҷа ва доираи васеи малакаҳои иҷтимоӣ, маънавӣ ва таълимӣ муосидат мекунад. Адолати иҷтимоӣ дар таълиму тарбия барои рушди ҳамаҷонибаи иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди иҷтимоӣ заминаи муҳим мегузорад. Стратегияи ЮНИСЕФ дар самти бартарафсозии фолисаҳои адолати иҷтимоӣ дар соҳаи маориф ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегирад:

- ташвиқи бештар намудани маблағгузорӣ барои таълимоти умумӣ;
- мусоидат ба баланд бардоштани иқтидори ҷамъиятҳо ва такмили маълумот ва омор дар соҳаи маориф;
- таъмин намудани маводҳои омӯзишӣ ва имкониятҳо барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ё кӯдакони аҳолии таърихан истисношуда;
- васеъ намудани имкониятҳои таълимоти бармаҳал;
- таъсиси фазои таълимии бехатар ва дорои иншоотҳои алоҳидаи санитарӣ барои духтарон.

СУДОНИ ҶАНУБӢ . АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР МАОРИФ

## Бартарафсозии монеаҳо барои таълимгирии духтарон

Натабо Габриэли 13-сола бетоқатона интизори он буд, ки номи ӯро дар Маркази омӯзиши касбии ҷавонони Капоетаи вилояти Экватория, воқеъ дар қисмати шарқии Судони Ҷанубӣ, эълон кунанд. Ин рӯз ӯ ва ҳамсинфони ӯ ин маркази омӯзиширо хатм мекарданд ва ӯ бояд шаҳодатномаи хатми касби дӯзандагӣ мегирифт.

Натабо на танҳо толибилми аз ҳама ҷавон, балки инчунин яке аз духтарони камшумор дар синфаш буд. Бештари аҳолии гирду атрофи Капоета бо чорводорӣ машғуланд ва даромади онҳо аз чорвои онҳо вобастагӣ дорад. Бештари духтарони ин маҳаллаҳо дар синни хурди ба шавҳар мебароянд ва аксари онҳо ба мардони аз худашон хеле калонтар оиладор мешаванд. Ин анъана ба рушди духтарон таъсир мерасонад ва ба таълим, вазъи саломатӣ ва бехатарии ҷисмонии минбаъдаи онҳо оқибатҳои манфӣ дорад.

Новобаста аз ин мушкилиҳо Натабо аз ӯҳдаи хатм кардани курси омӯзишие, ки барои рушди касбии минбаъдаи ӯ кӯмак хоҳад расонд, баромад. Дар натиҷаи ҳамкории ЮНИСЕФ ва ташкилоти "Плэн интернейшнл" дар доираи барномаи ҷавонони ЮНИСЕФ дар Экваторияи шарқӣ ӯ яке аз 102 нафар таълимгирони маркази омӯзиши техникӣ ва касбие гардид, ки ҳамон рӯз хатм карданд. Аз соли 2012 инҷониб садҳо духтарон ва писарони аз мактаб берунмонда аз ин барнома, ки ба кӯдакон хатту саводи хондан ва инчунин малкаҳои касбиро меомӯзонад, баҳраманд шуданд.

"Таълими духтарон дар рушду шукуфоии аҳолии ҷавони Судони Ҷанубӣ бениҳоят муҳим аст", гуфт намояндаи ЮНИСЕФ дар Судони Ҷанубӣ, Ёнатан Вейтч.

Баъд суханрониҳои дурударози пешвоёну намояндагони маҳаллӣ ва баромади ҳамсинфони ӯ, билохир номи Натабо эълон гардид. Чун ӯ ба саҳн мебаромад, доду фиғони хурсандиву ҳуштокҳои садобаланд фазоро пур мекарданд. "Ман тавонистам!", хитоб кард ӯ, ва илова намуд, ки ӯ умедвор аст, ки издивоҷ дар овони кӯдаки дар ҷамъияти ӯ рӯзе барҳам мехӯрад ва "духтарон чунин имконият барои рушди шахсии худ пайдо мекунанд".



For every child inc covers.indd 31 06/11/2015 17:07

СЕРБИЯ. АДОЛАТ ДАР ФАРОГИРИИ ИҶТИМОӢ

Баъд аз солҳои зиёди будубош дар муассисаи нигоҳубини кӯдакон Илия бо падару модари фостерии худ бозӣ мекунад.


© UNICEF Serbia/2014

## Пешбарии чораҳои алтернативӣ ба ғамхорӣ дар муассисаҳо

Иля, писарбачаи сербие, ки дорои бемории даун буд, қариб тамоми 12 соли аввали ҳаёти худро дар муассисаи давлатӣ ба сар бурд. Новобаста аз ҳама талошҳо баргаштан ба падару модари биологии худ ба ӯ имконпазир нашуд. Аммо айни ҳол, ӯ дар фазои ғамхориву меҳрубонии оилаи фостерии худ зиндагӣ мекунад.

“Иля кӯдаке буд, ки бо ман умуман гап намезад,” гуфт модари фостерии ӯ, Слободанка Марсета. Баъди аз муассиса баромадан ӯ “комилан тағйир ёфт, намуди зоҳирии ӯ ва тарзи муошират ӯ тамоман дигар шуд“, илова кард Слободанка.

Дар соли 2011 дар миқёси 26 давлати Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ҳадди ақал 1.4 миллион кӯдакони мисли Иля аз ғамхории падару модар маҳрумгашта дар муассисаҳои давлатӣ ҳаёт ба сар мебурданд. Барои бартарафсозии ин вазъият ЮНИСЕФ бо ҳукуматҳои давлатҳои ин минтақа дар самти таъмини ёрии махсус ба оилаҳои зери хавфи парокандашавӣ қарордошта, кор бурд ва бо ин роҳ эҷтиёҷ ба муассисаҳои давлатии нигоҳубини кӯдаконро паст гардонид ва инчунин барои татбиқи ҳуқуқи кӯдакон ба тарбия дар фазои мусоиди оилавӣ мусоидат намуд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ғамхории оилавӣ роҳи беҳтарин барои кӯдакон мебошад. Нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳо бошад ба рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнии кӯдакон зарар мерасонад. Ба ғайр аз ин, оила ва хизматрасониҳои сатҳи ҷамъият инчунин аз лиҳози дурнамои дарозмӯҳлат барои давлат камхароҷот мебошанд.

Гузариш ба ғамхории оилавӣ дар давлатҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ боиси дигаргунӣ гардид. Имрӯзҳо микдори камтари кӯдакон синни то 3-сола ба муассисаҳои давлатӣ барои нигоҳубин фиристода мешаванд, микдори кӯдакон дар хонаҳои ятимон камтар шудааст ва шумораи бештари кӯдакон бо барномаҳои алтернативии ғамхории оилавӣ ё оилаҳои фостерӣ дар бар гирифта мешаванд. Иля бошад, тибқи гузоришҳои охирин, бо пешравиҳои давомноки худ падару модари фостерии худро хушҳолу хурсанд мегардонад.



For every child inc covers.indd 32 06/11/2015 17:07

**Ҳифзи кӯдак.** Ҳар як кӯдак барои аз хушунат, истисмор ва таҳқир ҳифз шудан ҳуқуқ дорад. Аммо миллионҳо кӯдакон дар саросари дунё – кӯдакони дорои вазъи иҷтимоиву иқтисодии гуногун, ҳамаи синну сол, дин ва фарҳанги гуногун – мавриди хушунат, истисмор ва таҳқир қарор мегиранд. Гарчанде кӯдакони ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ба хушунат дучор мешавад, баъзеи онҳо аз сабаби ҷинсият, нажод, асли этникӣ, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва маъюбият ё макони зисти худ бештар осебпазиранд. Аз давраи маркази таваҷҷӯҳ қарор додани адолати иҷтимоӣ ЮНИСЕФ фаъолияти худро ҷиҳати ҳифзи кӯдак дар якчанд самтҳо, аз ҷумла бақайдгирии таваллуд бо мақсади таъмини шахсияти ҳуқуқӣ ба ҳар як кӯдак, пешгирии хушунат, барҳам додани издивоҷи кӯдакона ва буридани иллати таносули зан, таъмини адолати судӣ нисбати кӯдакон ва ҳифзи кӯдакон дар ҳолатҳои фавқулода тақвият бахшид. Барномаҳо дар ин самт ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегиранд:

- таҳия ва такмили қонунҳо ва сиёсатҳои марбут;
- такмили низомҳое, ки кӯдакро аз осеб ҳифз мекунанд ва доираи амали муносиб дар ҳолатҳои ҷабрдида шудани кӯдак пешкаш менамоянд;
- кор бо ҷамъиятҳо барои барҳам додани рафтору анъанаҳои зараровар.

Фаъолияти барномавии ЮНИСЕФ дар самти ҳамгирои иҷтимоӣ бевосита ба сабабҳои набудани адолати иҷтимоӣ таалluқ дорад

**Ҳамгирои иҷтимоӣ.** Фаъолияти барномавии ЮНИСЕФ дар самти ҳамгирои иҷтимоӣ бевосита ба сабабҳои набудани адолати иҷтимоӣ таалluқ дорад. Он бештар ба таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ ба кӯдакони дар вазъи камбизоатӣ қарордошта, ҷудошавии маблағи одилона барои ин самт аз буҷаи давлатӣ ва татбиқи идораи маҳаллие, ки манфиати кӯдаконро таъмин мекунад, равона гардидааст. Ин фаъолият дар давоми панҷ соли охир ба таври назаррас афзуд ва айни ҳол беш аз 100 давлатро дар бар мегирад. Талошҳои нави созмон бошанд фаъолияти ҳифзи иҷтимоиро то ба вазъи чорабиниҳои гумантарӣ васеъ гардониданд, ки худ як қадам ба самти пайваст кардани чораҳои бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода бо кӯмаки дарозмӯҳлат барои рушд мебошад.

Далелҳои зиёд аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳифзи иҷтимоӣ барои таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҳамаи соҳаҳо мусоидат мекунад. Он метавонад ба бартарафсозии монеаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар роҳи таъмини хизматрасониҳои умумӣ ва баланд бардоштани иқтидори хонаводаҳо барои нигоҳубини кӯдакон таъсири бевосита расонад.

Дар ин ҷода ЮНИСЕФ дар самтҳои зерин ба ҳукуматҳо муосидат мекунад:

- васеъгардонии барномаҳои асосии ҳифзи кӯдак;
- баланд бардоштани иқтидори ҳукумат барои таҳия ва татбиқи низомҳои ҳифзи иҷтимоии фарогир;
- чораҳои самаранок нисбат ба осебпазириҳои гуногун ва бисёрҷабҳае, ки кӯдакон, наврасон ва оилаҳояшон ба онҳо дучор мегарданд.



For every child inc covers.indd 33 06/11/2015 17:07

# Хизматрасониҳои ҳамбаста, ҳамкориҳои самаранок

Гарчанде, ки ЮНИСЕФ ва шарикони он дар соҳаҳои дар боло номбурда фаъолият мекунанд, кӯдакони камбизоат на танҳо дар як соҳаи ҳаёти худ аз имкониятҳо маҳруманд. Онҳо ба норасоиҳои зиёд ва давомнок дучор мешаванд, ки боиси талафот ва шароити номусоид мегарданд. Вақте оилаҳо барои суроғи хизматрасониҳо ба муассисаҳои гуногун муроҷиат мекунанд ва бо равандҳои мураккаби мавҷуда кор мегиранд, эҳтимол зиёд аст, ки онҳо имкониятҳои заруриро аз даст медиҳанд. Дар ин маврид онҳо инчунин хароҷот ва вақти зиёд сарф мекунанд ва бояд дар доираи низомҳои гуногун роҳи ҳалли масъаларо пайдо кунанд. Барои оилаҳои бе ин ҳам камбизоат ҳамаи ин корҳо метавонанд бори вазнин шаванд.

Ҳар яки ин омилҳо аз зарурат ва аҳамияти муттаҳид кардани кӯмак ва хизматрасониҳои барои кӯдакон ва оилаҳои осебпазир пешкашшаванда шаҳодат медиҳанд. Бархурдҳои ҳамбаста барои муайян кардани авлавиятҳои фаъолият дар ҳар як соҳа кӯмак мерасонад. Аз ин ҳам муҳимтар, онҳо соҳаҳои гуногунро ба ҳам мепайванданд ва дар натиҷа масалан кормадони тиббӣ метавонанд воситае барои бақайдгирии таваллуд ё таъмини микроэлементҳои иловагӣ гарданд.

Ба ғайр аз муттаҳид кардани хизматрасониҳо, расидан ба ҳадафҳои марбут ба адолати иҷтимоӣ дар ҳама сатҳҳо ҳамкориро талаб мекунад. Шарикон дар ин ҷода бояд аз ташкилотҳои сатҳи ҷамъиятие, ки барои овардани дигаргунӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи оилаҳо кор мебаранд, сар карда шуда то паймонҳои глобалиеро, ки таваҷҷӯҳ ва захираҳои бештар барои кӯдакони камбизоат ҷалб менамоянд, дар бар гиранд.

Кор дар самти адолати иҷтимоӣ аҳамияти ҷалб ва фаъолкунонии ҷамъиятҳоро – баланд бардоштани донишу малакаи онҳо ва ба татбиқ ва пайгирии ҳалли масъалаҳои сатҳи маҳаллӣ ҷалб кардани онҳо – возеҳ мегардонад

ЮНИСЕФ бо ҳукуматҳои давлатҳои дунё ҳамкории тӯлонӣ ва пурарзишро ба роҳ мондааст. Ин ҳамкориҳо ҳамаи соҳаҳо ва сатҳои ҳукуматро, аз ҷумла мақомотҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ва муассисаҳо дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллиро, дар бар мегиранд. Кор дар самти адолати иҷтимоӣ аҳамияти ҷалб ва фаъолкунонии ҷамъиятҳоро – баланд бардоштани донишу малакаи онҳо ва ба татбиқ ва пайгирии ҳалли масъалаҳои сатҳи маҳаллӣ ҷалб кардани онҳо – возеҳ мегардонад. Дар қабули қарорҳо дар ин сатҳ фикру ақидаи ҷамъият барои татбиқи нақшаҳо ва барномаҳои устувор аҳамияти бузург дорад.

Ҳамзамон, ҳамкории ЮНИСЕФ бо сектори хусусӣ, олимон ва ихтирокорон боиси пайдоиши ғояҳо ва пешниҳодҳои тоза оид ба ҳаллӣ масъалаҳои дастрасӣ, сифат ва нархи хизматрасонӣ ва маҳсулотҳо мегардад. Кор бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои динӣ, гурӯҳҳои ҷавонон ва занон ва ғ. барои такмили барномаи кор оид ба адолати иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Пайдоиши ҷунбишҳои иҷтимоии бо ташаббуси мардум оғозгардидае, ки сарҳадҳои ҷуғрофиро мегузаранд, иқтидори хеле хуб барои васеъ гардонидани доираи фарогирии ин барномаи кор то ба минтақаҳои нав пешкаш менамояд.



For every child inc covers.indd 34 06/11/2015 17:07

# Дарк намудани фосилаҳои боқимондаи адолати иҷтимоӣ

Барои дарк кардани нобаробариҳое, ки нисбат ба кӯдакон дар дохили давлат ва байни давлатҳо дар давраи пас аз соли 2015 ҳануз боқӣ мондаанд, бояд сарчашмаҳои бисёрсоҳавии камбизоатӣ мушаххас карда шаванд. Ин омилҳо новобаста аз дар кадом соҳа будани онҳо нақши муҳимро мебозанд.

**Ҷуғрофия, боигарӣ ва гендер ченакҳо асосии беадолатии иҷтимоӣ нисбат ба кӯдакон мебошанд**. Дар муқоиса бо кӯдакони оилаҳои сарватманд барои кӯдакони хонаводаҳои камбизоат се маротиба камтар эҳтимолияти ҳузури момодояи бомаҳорат ҳангоми таваллуди онҳо, ду маротиба бештар эҳлимолияти қадпаст шудан, ва қариб ду маротиба бештар эҳтимолияти вафот кардан пеш аз зодрӯзи панҷум вуҷуд дорад. Барои мактабравии кӯдакони хонаводаҳои камбизоат эҳтимолияти камтар вуҷуд дорад ва эҳтимол меравад, ки агар онҳо ба мактаб раванд ҳам, онҳо ба андозаи кӯдакони оилаҳои сарватманд дониш гирифта наметавонанд. Барои духтарони аз ҳама камбизоат зҳтимоли бештар вуҷуд дорад, ки онҳо издивоҷ мекунанд ва дониши мукаммалу дуруст дар бораи БНМО пайдо намекунанд.

**Низоъ, офатҳои табиӣ ва тағйироти иқлим инчунин ба таъмини имкониятҳои баробар барои кӯдакон монеа мешаванд**. Соли 2013 148 миллион нафар одамон аз офатҳои табиӣ зарар диданд ва ё аз сабаби низоъ аз як ҷо ба ҷои дигар кӯч бастанд. Чунин бӯҳронҳо рӯз аз рӯз бештар ва сертаъсиртар шуда истодаанд. Аз сабаби афзоиши вазъи ноором дар давлатҳо ва ҳудуди ҷуғрофие, ки 1.2 миллиард нафарро ҷой медиҳад, оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи гуманитарӣ шадидтар мегардад. Ба ғайр аз ин, ҳолатҳои фавқулода ва тағйироти иқлим барои дастовардҳои то имрӯз ба манфиати кӯдакон бадастомада таҳдидҳои дигар эҷод мекунанд.

**Афзоиши аҳолии кӯдакон дар Африқо сармоягузорӣ барои некӯаҳволии кӯдаконро, хусусан барои кӯдакони камбизоат, имрӯз аз ҳама муҳимтар мегардонад**. Минтақаи Африқо дар байни ду тамоюли бузург қарор дорад: афзоиши аҳолӣ ва шаҳришавии босуръат. Таъсири ин тамоюлҳо метавонанд боиси давраи такроршавандаи камбизоатӣ гарданд. Вале агар онҳо саривақт дарк карда шаванд ва чораҳои марбут андешида шаванд, насли ояндаи кӯдакони шаҳрҳои Африқо метавонад аз манфиатҳои шаҳришавӣ ба пуррагӣ баҳраманд гарданд.

Ба ғайр аз ба инобат гирифтани чунин омилҳои бисёрсоҳавӣ, бояд **маълумот дар чаҳорчӯбаи вазъи канунӣ маънидод карда шавад**, то ин ки фосилаҳои боқимондаи адолати иҷтимоӣ нисбат ба кӯдакон дуруст дарк гарданд. Донистани вазъи аслӣ, масалан, хеле муҳим аст. Баъзан пешравии хуб ҳам метавонад дар назди андозаи аввалаи беадолатии иҷтимоӣ натиҷаи ночиз тобад. Бар иловаи ин, дар натиҷаи сатҳи гуногуни пешравӣ дар байни минтақаҳо баъзе минтақаҳо аз дигар минтақа қафо мондаанд. Афзоиши аҳолӣ бошад метавонад дастовардҳоро ноаён кунад; дар баъзе ҳолатҳо афзоиши аҳолӣ маънои онро дорад, ки фоизи ками беҳбудӣ нисбат ба миқдори аҳолӣ дар паси худ дастоварди умумии калонтарро пинҳон мекунад. Дар ниҳоят, боиси тазаккур аст, ки пешравӣ нисбат ба баъзе масъалаҳо дар маҷмӯъ ночиз буд. Баъзе вақт ҷавоби рӯирост метавонад шарҳи аз ҳама соддаи масъала гардад: дар баъзе самтҳо пешравӣ умуман ба даст наомад.



For every child inc covers.indd 35 06/11/2015 17:07

4

# Тақвияти имкониятҳои баробар барои кӯдакон



Ин гузориш риштаи суханро аз мавҷудияти ду ояндаи эҳтимолӣ барои кӯдакони аз ҳама осебпазири дунё сар кард: онҳо ё ба давраи шадиди камбизоатӣ дучор мешаванд ё ин, ки ба давраи давомноки имкониятҳо муяссар мегарданд. Бо дастгирии муносиби оила ва сармояи саривақтӣ ба тандурустӣ, таъминоти ғизо, таълимот ва дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ, ин духтарон ва писарон на танҳо шонси хуби наҷот ёфтан дар оғози ҳаёти худ, балки инчунин имконияти рушди босуръат дар овони кӯдакӣ, наврасӣ ва давраи ба балоғат расидан пайдо мекунанд. Агар нобаробариҳои овони кӯдакӣ бартараф шаванд ин кӯдакон имконияти амалӣ гардонидани ҳамаи орзуҳои худро пайдо мекунанд.

Барои кӯдакони камбизоат сармояи зарурӣ дар вақти зарурӣ метавонад ба пайдоиши давраи такроршавандаи пешравӣ дар камолоти онҳо мусоидат кунад. Ин насл дар навбати худ метавонад имкониятҳои аз ин ҳам беҳтарро барои кӯдакони худ таъмин кунад ва бо ин ба онҳо имконияти беҳтар барои зиндагӣ, омӯзиш ва рушди мусбӣ, новобаста аз вазъи ба дунё омадани онҳо, муҳайё намояд.

Ҳамзамон ҳолати баръакси ин падида низ метавонад ба вуқӯъ ояд. Дар чунин ҳолат кӯдаконе, ки дар байни аҳолии истисношуда, оилаҳои камбизоат ё дигар ҳолатҳои вазнин ба дунё омадаанд, ҳаётро бо имконияти баробар барои муваффақ шудан оғоз намекунанд. Бо мурури ба воя расидан дигар омилҳои истисношавӣ ба монанди гендер ё табъизи нажодӣ барои татбиқ намудани иқтидори пурраи онҳо имконият намедиҳанд. Ҳамаи ин омилҳои таъсиркунанда хатари ба ҷиноят, хушунат ва дигар рафтори зараровар даст задани ин кӯдаконро бештар мегардонад.

Кӯдакони аҳолии такҷоии Виксарика дар шаҳраки Санта Катаринаи штати Халискои Мексика ба мактаб мераванд.



НИГЕРИЯ. АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАНДУРУСТӢ

Писари Нике Колаволе, Самуэл, дар марказе воқеъ дар канори шаҳри Лагоси Нигерия аз санҷиши вараҷа мегузарад.



© UNICEF/Nigeria/EJIOFOR

## Паёми тандурустии модар ва кӯдак

Вақте ҳамшираи шавқат номи ӯро эълон кард, Нике Колаволе бархосту писари дусолаи худро ба пушташ бубаст. Ҳамшираи шавқат ӯро барои нигоҳубини пешазҳомиладорӣ ба қайд гирифт ва ба ӯ иловаҳои ҳомузи фолий, витамин А ва ҳаби хуруҷи кирм барои писари ӯ, Самуэл, ки инчунин барои вараҷа санҷида шуд, дод.

Модари ҷавон дарк кард, ки ӯ мебоист барвақтар барои ёрии тиббӣ муроҷиат кунад, вале маркази тиббии маҳаллаи ӯ, Эпе, ки шаҳракаи моҳигирон воқеъ дар канори Лагос аст, таҷҳизоти хуб надошт. “Вақте мо онҷо меравем, онҳо ба му мегӯянд, ки ягон даъфаи дигар биёед азбаски дору барои мо зарурӣ ё ин ки ҳамшираи шафқат дар маркази тиббӣ нест”, гуфт ӯ.

Колаволе баъди гирифтани паёмаки шифоҳӣ оид ба эълони ҳафтаи саломатии модарон, тифлони навзод ва кӯдакон, ки ба телефорни мобилии ӯ бо лаҳҷаи модарии вай Йоруба фиристода шуда буд, ақидаи худро дигар кард. Дар ин паёмак маълумоти мушаххас оид ба муассисаҳои тиббии наздиктарин ва хизматрасониву маводҳои мавҷуда дар онҷо пешкаш гардид.

“Ин чизи нав аст барои мо,” гуфт ӯ. “Мо аз ҳокимияти маҳаллӣ дур истиқомат мекунем ва ба осонӣ дар бораи чунин чизҳо маълумот пайдо намекунем”.

Воқеан дар Эпе роҳҳо ва нақлиёти зиёд нест ва ин барои чорабиниҳои тарғибӣ, ки дар таъмини хизматрасониҳо барои тандурустии модар ва кӯдак нақши муҳимро мебозанд, монеаҳо эҷод мекунад. Вале ба воситаи иртибот бо телефони мибилӣ акнун ЮНИСЕФ ва шарикони ӯ модарон ва занони ҳомиладори Нигерияро, ки солҳои дароз аз ташхиси тиббӣ нагузаштаанд, дастрас мекунанд. Имрӯз онҳоро бо паёмаки хаттӣ ё шифоҳи ба телефони мобилӣ метавон зуд пайдо намуд.



For every child inc covers.indd 38 06/11/2015 17:07

## Дурнамои рушд барои давраи то соли 2030

Нобаробариҳои овони кӯдакӣ ва наврасии бартарафнашуда имкониятҳои нобаробар барои оилаҳо дар саросари дунё эҷод мекунанд. Сатҳи пешравии имрӯза барои бартараф кардани фосилаҳои адолати иҷтимоӣ то соли 2030 кофӣ нест. Бе тезонидани пешрафт, масалан:

- афзоиши аҳолӣ дар минтақаҳои рушди иқтисодиёташон паст дар натиҷа ба боқӣ мондани шумораи имрӯзаи кӯдакони аз мактаб берунмонда дар соли 2030 оварда мерасонад;
- кариб 120 миллион кӯдакон дар соли 2030 қадпаст бокӣ мемонанд, ки худ ба онҳо имконияти баробар барои камолот ва рушд намедиҳад;
- дар давоми 15 соли навбатӣ дунё метавонад наҷосат дар ҷойҳои кушодро барҳам диҳад танҳо агар он сатҳи ҳозираи пастшавии ин падидаро то ду маротиба зиёд кунад.

Ҳам пешравӣ дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳам аз ӯҳдаи ин кор набаромадан ҳарду ба шахсони алоҳида ва миллатҳо таъсири ҷиддӣ ва давомнок хоҳанд расонд. Таҷрибаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки беадолатии иҷтимоии давомнок дар чунин соҳаҳои калидӣ ба мисли маориф метавонад хатари низоро бештар намояд. Сатҳи баланди адолати иҷтимоӣ баръакс ба рушди иқтисодии дарозмӯҳлат ва устувор марбут дониста мешавад. Ин дарёфтҳо нишон медиҳанд, ки роҳ ба сӯи сулҳ ва шукуфоӣ бояд муштарак бошад.

Ҳам пешравӣ дар самти таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳам аз ӯҳдаи ин кор набаромадан ҳарду ба шахсони алоҳида ва миллатҳо таъсири ҷиддӣ ва давомнок хоҳанд расонд

## Навоварӣ, бархурдҳои таъсирбахш ва дигар воситаҳои муҳим

Татбиқи барномаи фаъолияти Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола сармояи беҳтар ба таҳияи стратегияҳои нав ва навоварона, инчунин бархурдҳои таъсирбахше, ки бо мурури замон намунаи беҳтарин гардидаанд, талаб мекунад. То имрӯз фаъолияти барномавӣ ва сиёсатҳои навгун дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти кӯдак натиҷаи хуб нишон доданд ва бо ин роҳҳои боэътимод барои бартарафсозии фосилаҳои адолати иҷтимоӣ пешкаш намуданд. Дигар воситаҳои муҳим барои таъмини адолати иҷтимоӣ дар доираи ҲРҲ метавонанд чораҳои зеринро дар бар гиранд:

**Такмили маълумот.** Ҷамъоварии маълумоти босифат ва таҳлили он барои андешидани чораҳои саривақтӣ оид ба таъмини ниёзҳои кӯдакони аз ҳама осебпазир аҳамияти калон дорад. Он иттилооти нав оид ба эҳтиёҷоти аҳолии осебпазир ва роҳҳои ҷавобгӯ будан ба ниёзҳои онҳо пешкаш мекунад. Дар бисёри давлатҳо паҳкунии чунин маълумот дар байни шаҳрвандон, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ташкилотҳо ба онҳо имконият дод, ки ҳукуматро барои эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак масъул нигоҳ доранд. Аммо барои баҳраманд гардидани кӯдакон аз чунин маълумот ва инқилобе, ки дар самти ҷамоварии маълумот ба шарофати технологияҳои муосир ба даст омадааст, бояд кори зиёди дигаре анҷом дода шавад. Маълумот бояд шаффоф, дастрас ва фарогири иттилооти онҳое, ки то ҳол ба ҳисоб гирифта нашудаанд, карда шавад, воридоти маълумот бештару босуръат гардад, маълумотҳо ба манбаҳои нав дохил карда шавад, ва бояд сиёсатҳои марбут дар асоси ва бодарназардошти чунин маълумот таҳия гарданд.



For every child inc covers.indd 39 06/11/2015 17:07

**Тақвият бахшидани низомҳо (системаҳо).** Дар ниҳояти кор муваффақият дар боздоштани фавти модарон ва кӯдакон, таъмини сатҳи баланди таълим кӯдакон ва ҳифзи давомноки кӯдакон аз қобилияти низоми марбути аз тарафи ҳукуматҳо барои таъмини пайвастаи хизматрасониҳои босифат ва баробар бароҳмондашуда вобастагӣ дорад. Дар давраҳои бӯҳрон созмонҳои ёрирасони берунӣ метавонанд ба мактабҳо барои фарогирии кӯдакони хонаводаҳои аз ҳама камбизоат ва ба марказҳои тиббие, ки дар онҳо кӯдакони минтақаҳои аз ҳама дурдаст ба дунё меоянд, кӯмак расонанд ва шабакаҳои дастгирие таъсис диҳанд, ки кӯдакони аз ҳама осебпазирро дар бар мегиранд. Аммо барои дурномаи дарозмӯҳлат ин корҳо бояд дар доираи низомҳои мукаммале, ки аз тарафи ҳукумат роҳбарӣ ва маблағгузорӣ мешаванд ва аз тарафи ҷамъиятҳо ва оилаҳо дастгирӣ меёбанд, таъмин гарданд.

**Баланд бардоштани иқтидори ҷамъиятҳо.** Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ҷалби ҷамъиятҳо барои таъмини пешравӣ барои кӯдакон қариб дар ҳамаи самтҳо, аз ҳифзи иҷтимоӣ сар карда то таъмини санитария, нақши муҳимро мебозад. Баланд бардоштани иқтидори муассисаҳои маҳаллӣ барои расонидани хизматрасониҳо ба аҳолии марбут, новобаста аз он ки ин хизматрасониҳо аз тарафи кормандони тибии сатҳи ҷамъиятҳо, кумитаҳои ҳифзи кӯдак ё гурӯҳҳои санитарӣ дар сатҳи ҷамъият таъмин мегарданд, хусусан дар давраи бӯҳрон, мусоидат мекунад. Иртиботи беҳтар дар дохил ва байни ҷамъиятҳо метавонад меъёрҳои иҷтимоии марбут ба анъанаҳои зарароварро тағйир диҳад ва имкониятҳо барои навоварӣ ва роҳҳои ҳалли масъалаҳо дар сатҳи маҳаллӣ фароҳам орад. Сармояи бештар ба бархурдҳои сатҳи ҷамъият, дарки авлавиятҳои ҷамъиятҳо бо мақсади истифодаи беҳтари захираҳои маҳдуд ва тақвият бахшидани тобоварӣ ба офатҳои табиӣ, ҳамаи инҳо дар баланд бардоштани иқтидорӣ оилаҳо ва кӯдакони аз ҳама осебпазир нақши муҳим мебозанд.

Духтарчае дар пештахтаи шишагӣ дар қисмати гузариш барои оилаҳо аз сабаби тӯфони Хайян дар Филиппин аз як ҷо ба ҷои дигар кӯчонидашуда.



© UNICEF/NYHQ2014-1995/Belarmino



For every child inc covers.indd 40 06/11/2015 17:07

ИРОҚ,
БАРОБАРӢ ДАР ДАСТРАСӢ
БА ОБ, САНИТАРИЯ
ВА ГИГИЕНА



© UNICEF Iraq/2015/Anmar

Духтарчае аз ҷуммаки об дар ўрдугоҳи Баҳарка воқеъ дар канори шаҳри Ербили минтақаи Курдистони Ироқ истифода мекунад.

## Об ба шахсони аз як ҷо ба ҷои дигар кўчида ёрӣ мерасонад

«Вазъ бениҳоят вазнин аст», гуфт Хадича, ки берун аз хаймаи худ дар ўрдугоҳи (лагери) шахсони аз ҷо беҷошудаи (кўчида) Баҳерка ҷойгир дар минтақаи Курдистони Ироқ , нишаста буд. Якчанд моҳ қабл аз ин, ў бо панҷ фарзанд ва се набераи худ аз Мосул гуреза шуда ба ин ўрдугоҳ (лагер) омада буд.

«Чангу хок бениҳоят зиёд ва ҳаво хеле гарм аст», гуфт ў. «Чанг ба дохили хайма медарояд ва ҳама ҷо пур аз хок аст». Набераҳо гирди ў ҷамъ омада буданд ва ҳар яке мехост таваҷҷўҳи Хадичаро бештар ба худ ҷалб кунад. Аз сабаби он, ки падару модарашон дар Мосул дар монда буданд, кўдакон танҳо бо бибиашон истиқомат мекарданд.

Ба гуфтаи Хадича аввал ў ва аъзоёни оилаи ў дар ўрдугоҳи (лагери) муваққатӣ буданд, ки дар қисмати қадимаи Баҳерка қарор дорад. «Мо каме пеш ба ўрдугоҳи (лагери) нав кўчидем», гуфт ў. Баҳерка заводи пештараи хиштбарориест, ки дар канори шаҳри Эрбил воқеъ гардидааст. Соли 2013 ў ба  ўрдугоҳ (лагер) барои гурезагони низоъ дар Ҷумҳурии Сурияи Араб табдил дода шуд. Соли 2014 он барои онҳое, ки дар натаҷаи низои мусаллаҳона дар Ироқ гуреза шуданд, истгоҳи аввалин гардид.

ЮНИСЕФ ва шарикони ў барои аҳолии якчандҳазораи ин ўрдугоҳ (лагер) иншоотҳои санитарӣ ва таъмини об сохта истодаанд. Дар натиҷа ҳар як оила имрўз ошхона, ҳаммом ва ҳоҷатхона дорад. Гарчанде, ки об бояд аз ҷуммаки дар назди макони истиқомати қарордошта гирифта шавад, ҳар як шахс ба 150 литр оби тозаи нўшокӣ ҳар рўз дастрасӣ дорад.

Хадича аз он хушҳол ва миннатдор буд, ки шароит беҳтар мегардид. “Шароит ва иншоотҳо инҷо беҳтаранд,” гуфт ў. “Мо барои нўҳ нафар ду хайма дорем, ду ҳаммом ва ду ҳоҷатхона.” Барои Хадича ва оилаи ў дастрасӣ ба об ва санитария ҳаёти ҳаррўзаи онҳоро дар вазъияти вазнин каме осон гардонид.



For every child inc covers.indd 41 06/11/2015 17:07

**Ба роҳ мондани ҳамкориҳо.** Ҷалби самараноки ҷамъиятҳо танҳо яке аз мисолҳои шарикиҳои гуногунест, ки барои пешравӣ дар вазъи кӯдакон мусоидат менамояд. Дигар доираи шарикиҳо, аз ҷумла ҳамкориҳо бо ҳукуматҳо, ташкилотҳои донорӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ихтирокорон ва сектори хусусӣ арзиши калон дошта, барои татбиқи барномаи кори ЮНИСЕФ оид ба адолати иҷтимоӣ имкониятҳои нав фароҳам меоранд.

**Таъмини маблағгузории устувор.** Зарурат барои маблағгузории устувор асоси ҳамаи ин стратегияҳо мебошад. Маблағҳои кӯтоҳмӯҳлат ва мақсаднок дар аксари ҳолатҳо метавонанд пеши роҳи корро кушоянд, аммо бидуни сарчашмаҳои боэътимод ва гуногуни маблағгузорӣ ин дастовардҳо наметавонанд устувор гарданд. Аҳамияти таъмини маблағгузории устувор ва одилона дар доираи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола имрӯз аз ҳама муҳимтар гардидааст. Барои тезонидани кор дар самти кам кардани фосилаҳои баробарии марбут ба кӯдакон бояд захираҳои ҳам дохилӣ ва ҳам маблағгузориҳои ҷомеи ҷаҳонӣ беҳтар истифода карда шавад. Ин хусусан дар ҳолатҳои камбизоатии шадид ва бӯҳронҳо, ки метавонанд боиси чапагардон кардани дастовардҳои то имрӯз нисбати вазъи кӯдакон бадастомада шаванд, муҳим аст.

Зарурат барои маблағгузории устувор асоси ҳамаи ин стратегияҳо мебошад. Маблағҳои кӯтоҳмӯҳлат ва мақсаднок дар аксари ҳолатҳо метавонанд пеши роҳи корро кушоянд, аммо бидуни сарчашмаҳои боэътимод ва гуногуни маблағгузорӣ ин дастовардҳо наметавонанд устувор гарданд. Аҳамияти таъмини маблағгузории устувор ва одилона дар доираи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола имрӯз аз ҳама муҳимтар гардидааст. Барои тезонидани кор дар самти кам кардани фосилаҳои баробарии марбут ба кӯдакон бояд захираҳои ҳам дохилӣ ва ҳам маблағгузориҳои ҷомеи ҷаҳонӣ беҳтар истифода карда шавад. Ин хусусан дар ҳолатҳои камбизоатии шадид ва бӯҳронҳо, ки метавонанд боиси чапагардон кардани дастовардҳои то имрӯз нисбати вазъи кӯдакон бадастомада шаванд, муҳим аст.

## Ваъдаи адолати иҷтимоӣ имконпазир аст

Ба таври назаррас паст кардани нобаробарии имкониятҳо барои кӯдакон дар доираи як насл имконпазир аст. Барои расидан ба ин ҳадаф ҳамаи давлатҳои дунё бояд ба гурӯҳҳои аҳолии қафомонда таваҷҷӯҳи бештар зоҳир кунанд. Онҳо бояд барои беҳтар намудани вазъи давлатҳо ва минтақаҳои дорои мушкилиҳои аз ҳама зиёд кор баранд, то ин ки фосилаҳои адолати иҷтимоӣ пур карда шаванд. Ба онҳо лозим аст, ки барои бартарафсозии сарчашмаҳои деринаи истисношавӣ иродаи сиёсӣ нишон диҳанд ва барои устувор гардонидани муваффақиятҳои бадастомада ӯҳдадориҳои дарозмуҳлат бар дӯш гиранд.

Ин ҳама мушкилиҳои ҷиддианд, аммо онҳоро бартараф кардан имконпазир аст ва онҳо бояд бартараф карда шаванд.

Вақте имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба марҳилаи нави рушди байналмиллалӣ қадам ниҳода истодааст, аниқу равшан аст, ки тезонидани пешрафти барои ҳама баробар барои расидан ба ҳадафҳои глобалӣ аҳамияти калидӣ хоҳад дошт. Боназардошти таҷрибаи гузашта ва бо масъулияти матин барои таъмини имкониятҳои баробар ба ҳар як кӯдак оилаҳо, ҷамъиятҳо, ҳукуматҳо ва шарикони онҳо метавонанд ва бояд якҷоя баҳри ба амал овардани давраи адолати иҷтимоӣ барои кӯдакони имрӯз ва наслҳои оянда талош кунанд ва кор баранд.



For every child inc covers.indd 42 06/11/2015 17:07

For every child inc covers.indd 43 06/11/2015 17:07

Масъулияти ЮНИСЕФ барои адолати иҷтимоӣ – таъмини имконияти мусоид барои ҳар як кӯдак дар ҳама ҷой, хусусан ба кӯдакони аз ҳама камбизоат – ба эътиқоде асос мегирад, ки ин кори ҳам аз лиҳози припсип ва, чи тавре таҷриба нишон медиҳад, ҳам аз лиҳози амалия дурусту самаранок аст. Гузориши мазкур аҳамияти пур кардани фосилаҳои боқимондаро дар таъмини адолати иҷтимоӣ таъкид месозад, зеро давраи беадолатии иҷтимоӣ на ногузир ва на рафънопазир аст ва қиммати беамалӣ дар ин маврид хеле баланд ва оқибатҳои он харобкунанда мебошанд.

юнисеф

Аз тарафи ЮНИСЕФ нашр шудааст
Шуъбаи иртибот, ЮНИСЕФ
Юнайтед Нейшон Плаза 3
Ню Йорк, NY 10017, ИМА

ISBN: 978-92-806-4817-1

pubdoc@unicef.org
www.unicef.org

© Хазинаи Кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ)
Ноябри соли 2015

For every child inc covers.indd 44 06/11/2015 17:07